Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

25 ноябри
соли 2015,
чоршанбе,
№48 (1027)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ТАНТАНАҲОИ ИДОНА БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

**Дирӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаҳои идона ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ, ки дар Наврӯзгоҳи пойтахт доир гардид, иштирок ва суханронӣ кард.**



**САРВАРИ** давлат Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ин фурсати муносиб ҳозирин ва тамоми мардуми кишвар ро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ, ки баёнгари ҳаққи мавҷудияти миллати соҳибдавлати тоҷик ва равшанибахши роҳи миллат ба сӯи ояндаи дурахшони кишвари азизамон мебошад, самимона табрик намуд.

Президенти Тоҷикистон ёдовар шуд, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар раванди ташаккули низоми давлатдории муосири худ баробар бо қабули Конститутсия ва дигар рамзҳои давлатӣ мардум парчами кишварамонро низ ҳамчун нишонаи ҳастӣ ва пойдории давлатдории миллиамон қабул карда, таҳти ливои озодиву соҳибихтиёрии худ муттаҳид гардида, барои ободонии Ватани худ ва ба як кишвари пешрафта табдил додани он то имрӯз азму талош дорад.

Эмомалӣ Раҳмон бо ифтихору қаноатмандӣ зикр намуд, ки ҳоло мардуми шарифи кишвар, бахусус насли ҷавону ояндасози мо сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакатро дастгирӣ намуда, хуб дарк кардаанд, ки эҳтироми Парчами давлатӣ маънои арҷгузориву ифтихор ба давлат, ба гузаштаву имрӯз ва фардои халқи азизамон буда, омили муҳими таҳкими худшиносии миллӣ ва ифтихорӣ ватандорӣ ҳисобида мешавад.

Сарвари давлат дар идомаи суханонаш қайд кард: **"Вақте ки дар ин ё он гӯшаи олам парчами тоҷикон ба ифтихори дастовардҳои варзишиву фарҳангии фарзандони Ватанамон афрохта мегардад, сари мо - тоҷикон баланд мешавад ва обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам мустаҳкам мегардад".**

Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки "қарзи шаҳрвандии мост, ки эҳтироми рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла парчамро ба ҷо орем, ҳамеша ва дар ҳама ҷой онро гиромӣ дорем, барои ҳимояи он ва поку муқаддас доштани он бо тамоми ҳастӣ омода бошем, зеро пос доштан ва ҳимоя кардани Парчами миллӣ бо ҳифзи Ватан, падару модар, аҳли хонавода ва пос доштани суннатҳои халқи худ баробар аст".

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барномаи фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ оғоз ёфт.

Таҳиягарон, устодони санъат ва ҳаваскорон барномаи мукаммали идонаро бо сурудҳо дар васфи Парчами давлатӣ омода ва пешкаши иштирокчиёни ҷашн карданд.



Хурофот асоси ҷаҳлу
оқибмондагии мост

саҳ. 8

## МОРО МЕХОҲАНД БА ЧАНД ДАВЛАТИ СУНЪӢ ҚИСМАТ КУНАНД

саҳ. 6





УСУЛИ ОДДИИ ПАСТ
КАРДАНИ ФИШОР

саҳ. 10

Минбари халқ
25 ноябри соли 2015,
№48 (1027)

# ПАЁМИ ТАБРИКОТИИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ



**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

Фардо дар саросари кишвари азизамон Рӯзи Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи иттиҳоду сарҷамъӣ, давлатдории миллӣ ва мояи ифтихору сарбаландии хурду бузурги мамлакат таҷлил мегардад.

Ба муносибати ин ҷашни муборaки миллӣ кулли сокинони кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамонро табрик гуфта, орзуманди он ҳастам, ки парчами давлати мо ҳамчун нишонаи ифтихору сарбаландии миллати тоҷик дар фазои Тоҷикистони соҳибистиқлол то ҷовидон парафшон бошад.

Парчами мо ба сифати яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ таҷассумгари асосҳои таърихиву мероси арзишманди миллӣ, ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормони халқи куҳанбунёдамон ба ҳисоб меравад.

Ин суннати аҷдодӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон собиқаи дерина дорад.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ дар аввалин давлатҳои таъсисдодаи гузаштагони мо парчамдорӣ асоси ҳастӣ ва пешбурди корҳои давлат ба ҳисоб рафта, ин суннат дар давраҳои минбаъда низ бо риояи расму таомули хосаи миллӣ идома пайдо кардааст.

Тоҷикон парчамро ҳамчун нишонаи нангу номус ва адолату осоиш нигоҳдорӣ мекарданд ва ин аст, ки ниёгони мо парафшон будани парчамро бо сарбаландии ҳар як фард баробар дониста, барои ҳифзи он ва то ба рӯзҳои мо идома пайдо кардани ин суннати аҷдодӣ ҷоннисориҳо кардаанд.

Бояд гуфт, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ хурду бузурги кишварамон парчамро аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ медонанд ва эҳтиром мекунанд.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки қадршиносӣ ва гиромӣ доштани парчами миллӣ эҳтиром ба миллат, давлату давлатдорӣ ва Ватани маҳбубамон мебошад.

Зеро парчами мо дар замони истиқлолияти давлатӣ василаи асосии таҳкими ваҳдати миллӣ, роҳнамои мардуми кишвар ба сӯи ояндаи нек ва нишонаи побарҷо будани давлати соҳибистиқлоли мо дар арсаи ҷаҳон гардидааст.

Хусусан, дар пояи баландтарин парафшон кардани Парчами давлатӣ рамзи ифтихору садоқат ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги асили куҳанбунёдамон мебошад, ки маҳз дар замони истиқлол ба вуқӯъ пайваст.

Ҷиҳати таҳкими суннати парчамдорӣ аз наслиояндасози мо тақозо мегардад, ки маъно ва моҳияти дар чунин баландӣ афрохта шудан ва ҳамеша парафшон будани парчамро дарк намоянд ва фаромӯш насозанд, ки ҳимоя ва афрохта нигоҳ доштани он вазифаи ҷонии ҳар як фарди соҳибватан мебошад.

**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

Дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мардуми шарифи Тоҷикистон дар зери парчами давлати тозаистиқлоли худ муттаҳид гардида, давлатдории миллиамонро аз нобудшавӣ наҷот бахшиданд ва пеши роҳи парокандагии миллати тамаддунсози тоҷикро гирифтанд.

Миллати тоҷик зери парчами миллӣ ба ваҳдату ягонагӣ расид ва мо минбаъд низ таҳти ин рамзи муқаддаси миллӣ сиёсати созандаву бунёдкоронаамонро барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва эъмори ҷомеаи нав - ҷомеаи озоду демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ амалӣ мегардонем.

Аз ин рӯ, бори дигар таъкид менамоям, ки мо бояд дар амри ҳимояи манфиатҳои милливу давлатиамон ҳаргиз зиракиву ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем.

Дар ин росто, фаромӯш набояд кард, ки муҳаббат ба Парчам ва дигар рамзҳои давлатӣ нишонаи муҳаббати самимии мо ба Ватан-модар, миллату давлат ва ифтихор аз онҳо ҷузъи муҳими рисолати ватандориву ватансозӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, ҳар як фарди бонангу номуси кишвар меҳру садоқати худро барои ҳимояи парчам бояд тавассути хизмати содиқонаву софдилона ба Ватан ва халқи Тоҷикистон собит созад.

Инчунин, ҳар як фард бояд ифтихор дошта бошад, ки парчами давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ баробар бо парчами халқҳои мухталифи дунё дар пештоқи ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳон парафшонӣ мекунад ва ба оламиён аз мавҷудияти миллати соҳибтамаддуни тоҷик ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон, яъне Тоҷикистони соҳибистиқлол паём мерасонад.

Маҳз шинохти суннати парчамдорӣ ва дигар муқаддасоти миллӣ, эҳтирому гиромидошти онҳо моро водор месозад, ки ҷиҳати рушду инкишофи минбаъдаи Ватани азизамон беш аз пеш заҳмат кашем, зираку ҳушёр бошем ва ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегии миллиамон содиқона хизмат кунем.

Соли оянда мо 25-умин солгарди истиқлолияти кишвари маҳбубамонро таҷлил менамоем. Барои истиқболи сазовори ин санаи фархунда дар баробари анҷом додани тадбирҳои созандаву бунёдкорона аҳли зиёи кишвар, хизматчиёни давлатӣ, падару модарон ва омӯзгорон вазифадоранд, ки ҷиҳати арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, аз ҷумла бо дарки мазмуну моҳияти суннати парчамдорӣ ба тарбияи наслҳои наврасу ҷавон боз ҳам ҷиддитар машғул шуда, дар ҳифзи ваҳдати миллӣ, суботу оромӣ ва зиндагии осоиштаи мардуми кишвар саҳми сазовори худро гузоранд.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки эҳсоси муҳаббат ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла ба Парчами давлатӣ ҳамчун муҳаббат ба Ватан - Модар бояд дар зеҳни фарзандон аз овони хурдсолӣ тарбия карда шавад.

Мо бояд чунин фазоеро фароҳам созем, ки минбаъд низ тамоми аҳли ҷомеа ва хурду бузурги кишвар таҳти Парчами давлатӣ муттаҳиду сарҷамъ гардида, барои вусъати амалҳои ободкорӣ ва ҳимояи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ омода бошанд.

Итминони комил дорам, ки меҳру муҳаббат ва садоқати мардуми шарифи Тоҷикистон ба Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи эътиқоду эътимод ба миллату давлат, тамаддуну фарҳанг ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқамон торафт бештару густурда мегардад ва мо таҳти парчами муқаддаси миллӣ бо заҳмати аҳлона ба эъмори ҷомеаи пешрафтаву мутамаддин муваффақ мегардем.

Орзумандам, ки дар оғози марҳалаи сифатан нави бунёди давлати пешрафта ва амалӣ гардидани нақшаҳои созандаамон парчами мо ҳамчун ҳумои бахт болои сари сокинони кишвари азизамон ҳамеша парафшон бошад.

**ҶАШНИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

*23.11.2015, ш.Душанбе*

# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

23 ноябр таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои амнияти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки аъзои доимӣ, аъзои Шӯрои амният, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ, роҳбарони сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва роҳбарону шахсони масъули дигар вазорату идораҳои кишвар доир ба баррасии ҳисоботи Прокурори генералии Тоҷикистон оид ба сабаб ва омилҳои ба кӯшиши табаддулоти давлатии оғози моҳи сентябри соли ҷорӣ мусоидат карда, инчунин вазъи мубориза бо терроризму экстремизм ва тадбирҳои минбаъда дар самти таҳкими амнияти давлату ҷомеа ва тақвияти суботу оромӣ дар кишвар ҷаласаи Шӯрои амният баргузор гардид.

Раиси Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози ҷаласа доир ба фаъолияти сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти давлат ва мардуми Тоҷикистон, волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин масъалаи амалиёти зиддитеррористии рӯзҳои 4 - 16 сентябри соли ҷорӣ суратгирифта доир ба несту нобуд кардани гурӯҳи террористӣ, ки ҳадафи ноором сохтани суботу оромии мардум ва халалдор сохтани амнияти мамлакатро дошт, ибрози назар намуда, мавҷудияти як силсила камбудиву норасоиҳоро дар самтҳои зикршуда таъкид карданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои амният ҳамчунин ҳисоботи вазирони мудофиа ва корҳои дохилӣ, Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ, Раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ шунида шуд. Дар ҷаласаи Шӯрои амният роҳбарони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат вазифадор карда шуданд, ки камбудиҳои дар фаъолияти худ ҷойдоштаро дар муҳлати кутоҳтарин бартараф карда, бо дарназардошти вазъи мураккаб ва босуръат тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва авзои нооромии минтақа барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таъмини амнияти давлат ва сокинони мамлакат, суботу оромии ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандони кишвар, инчунин ба таври ҷиддӣ баланд бардоштани сатҳи малакаву таҷриба ва касбияти ҳайати шахсӣ, омодабошии ҷангӣ, ҳушёрии касбӣ ва зиракии сиёсӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва риояи бечунучарои интизоми ҳарбӣ ва талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ дар сафҳои сохтору мақомот чораҳои ҷиддӣ ва сариватқӣ андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ба Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам гузориш пешниҳод намоянд.

# БОЗ ДУ ШАБАКАИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ БА ФАЪОЛИЯТ ШУРУЪ МЕКУНАНД

**Дирӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як қатор кадрҳоеро, ки ба вазифаҳои масъул ва роҳбарии сохторҳои қудратӣ ва муассисаҳои иттилоотию фарҳангӣ таъин гардиданд, ба ҳузур пазируфт.**

Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Латифзода Асрор Қурбон, ки дар вазифаи муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаъолият дошт, муовини вазири мудофиа таъин шуд.

То фарорасии соли 2016 дар фазои иттилооти Тоҷикистон боз ду шабакаи нави телевизионӣ - "ТВ-Варзиш" ва "ТВ-Синамо" ба фаъолият шуруъ мекунанд. Бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзуллозода Хуршед Мирзо - директори муассисаи давлатии "ТВ-Варзиш" ва Набизода Набӣ - директори муассисаи давлатии "ТВ-Синамо" таъин шуданд.

Ҳамчунин Академияи васоити ахбори умум низ моҳҳои наздик ба кор даромада, дар таълиму тарбия ва бозомӯзии кормандони ин соҳа саҳмгузор хоҳад шуд. Исмоилзода Зиннатуллоҳ Бурҳон директори муассисаи давлатии "Академияи васоити ахбори умум" таъин гардид.

*www.president.tj*

**Таҷлили Рӯзи Парчами Тоҷикистон, бори дигар эътиқоди моро ба арзишҳои ватандорӣ мустаҳкамтар ва эътимоди моро ба ифтихори ватандориву зарурати нигаҳдошти якпорчагии ин марзу бум қавитар намуд.**

# РАМЗЕ, КИ ДАР КИТОБИ «ГИННЕС» САБТ ШУД

**ВАТАНДӮСТӢ** ва ифтихори миллӣ шиор нестанд. Онҳоро бо дарки шуур бо қабули дил, бо масъулияти бошараф ва бо қалби софу пурмуҳаббат метавон соҳиб шуд. Агар моро ҳар як барги дарахт, ҳар як пораи осмон, ҳар як гули зебоиафзо, ҳар як инсони некхоҳ, ҳар тозакорие, дар марзи поки кишвар ҳалли ҳар як мушкили мардум, ҳар як тифли бошуур, ҳар як дастоварди фарде, ҳар як гоми ба сӯи зиндагии шоиста гузоштаамон боиси ифтихор аст, пас мо ин Ватану ин марзу бумро ба ҳайси соҳиби он, дӯст медорем ва ифтихор мекунем, ки тоҷикему шаҳрванди давлати Тоҷикистон.

Рӯзи ифтитоҳи парчами баландтарини ҷаҳон дар Ватани азизи ман Тоҷикистон, шарафи ширкат дар ин лаҳзаи таърихӣ насиби банда ҳам буд.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш перомуни ин маросими сиёсӣ, муҳимияти ин рамзи давлатӣ ва оид ба бузургии он, дарозиву паҳнои парчами нав иттилоъ доданд. Мо гӯш кардем, шунидем, вале ман ҳанӯз дарк намекардам, ки баъди лаҳзае чӣ ҳолате маро ва шояд бисёриҳоро фаро мегирад.

Гурӯҳи аскароне, ки либоси хоса ба бар доштанд, печидаи дарозеро зери оҳанги мутантан ба пояи баланде, ки нӯгашро дидан аз наздикии он хеле душвор буд, оварда гузоштанд.

Ҷаноби Олӣ кадом бандҳоеро ҷо ба ҷо карду кадоме аз онҳоро кашид. Он баста бо ҳаракат даромаду рӯ ба боло шуд. Ҳама хомӯш, ҳама ҳаяҷонзада буданд. Ҳаракати матову бандҳои бузургтарин парчами ҷаҳон хеле бо таҳаммулу оҳиста буд. Эҳсос кардам, ки қалбам аз пештара тезтар мезанад. Дар ин маросими мутантан кулли намояндагони корпусҳои дипломатии давлатҳои дигар дар Тоҷикистон ширкат доштанд, хабарнигорони зиёде ин лаҳзаро ба навор мегирифтанд ва сабт мекарданд. Баста ҳамоно бо оҳистагӣ боло мешуд ва хеле дер ба нӯги поя расид. Сарҳои ҳама ба боло буд, гарданҳо ба дард омаданд, вале ин лаҳзаи мутаассир гӯё қасдан хеле дер тӯл мекашид. Ман гоҳе ба боло менигаристаму гоҳе ба чеҳраи Президент. Мехостам аз он чизеро бихонам, бубинам, ки ин ҳол дуруст аст ё чизе халал мерасонад, ки чунин лаҳзаи пурҳаяҷон дер мерасад.

Вале он вақт ман наметавонистам бифаҳмам, ки 30 метр паҳно ва 60 метр дарозиро ба баландии 165 метр бардоштани механизми навсохт осон нест.

Чеҳраи Сарвари давлат чун ҳамешагӣ ором, ҷиддӣ ва хушбахтона менамуд. Ман ба таҳаммули худододаи ин марди сиёсатмадор ҳамеша қоил мешудам, вале боз ҳам меандешидам, ки ӯ низ инсонест чун мо ва наметавонад, ки ин лаҳазот ҳаяҷоне вуҷудашро фаро нагирифта бошад. Чун мо дилтанг нагашта бошад, ки ин лаҳзаи таърихии сиёсӣ чӣ тавр рух медиҳад? Ӯ ҳамоно бо таҳаммули хоса чун мо ба боло менигарист, оромона.

Парчам ба ҷойи хеш расид, бо оҳистагӣ кушода гашт. Мо рангҳои сабзу сафеду сурхи онро дида қарсак задем.

Президентамон ба ҷойи нишасташ баргашт. Консерти идона оғоз ёфт, вале чашмҳо ҳамоно ба осмон буд, зеро парчам ҳанӯз парафшон нагашта буду овезон дар бари пояи баланд алвонҷ мехӯрд. Ман дар ҷое менишастам, ки ба ҷойи нишасти Сарвари давлат наздик буду чеҳраи ӯро ба хубӣ медидам. Эмомалӣ Раҳмон низ чун ҳамаи мо чашм ба нӯги пояи парчам буду ба назари ман менамуд, ки акнун осори ҳаяҷон дар чеҳрааш ҳувайдост.

Мо ҳамагӣ интизор доштем, ки парчам чун ба боло мерасад чун он байрақчаҳои хурдакаки то ин дам дидаи мо зуд парафшон мегардад. Аммо ҳеҷ кадоме аз мо дар бораи вазни ин миқдор матоъ ва набудани боди мусоид андеша намекардем.

Расидем ба анҷоми ин ҳамоиши сиёсӣ, вале ҳанӯз шаҳомати парчами овозадорамонро надида будем. Намедонам дар дили дигарон чӣ гапу дар сари онҳо чӣ андеша буд, вале ман ба ҳоли масъулини парчам меандешидам, ки онҳо ба чӣ иштибоҳе роҳ дода бошанд? Чӣ камбуде дар ин маросими хос гузашт.

Мо аз майдони Парчам берун шудем, чун ба роҳи калон расидем, гӯё барои оромиши қалбҳои мо якбора шамол вазид. На, ин гӯё боди муроде буд, ки каме дер монда, вале барои наҷот бозомада.

Ба осмон нигаристам, ки парчам бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш парафшонӣ дорад. Таваҷҷуҳи худиву бегонаро, ки азми мошин ёфтану ба хона рафтан доштанд, бо садои баланде ба он ҷалб кардам:

- Бубинед, Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлолро гуфтаму чапак задам. Нигоҳҳо сӯи осмон аз ҳар тарафе садоҳои хурсандӣ баланд шуд. Садҳо нафарон аз роҳ бозистода бо қарсак ин лаҳазотро ба ҳамдигар табрик мекарданд.

Ба ҳамроҳонам пешниҳод кардам, ки боз каме қадам бизанему ин ҳолати ифтихоромезро ба дарозо бикашем. Чунин ҳам кардем. Он шом бо табъи болида ба хона омадаму субҳ махсус роҳамро дигар кардам, то парчами Ватанамро дар субҳи босафои он боз бубинам.

**Парчами Тоҷикистон бо тамоми шаҳоматаш партавафшонӣ мекарду ман бо ифтихори Ватандорӣ пайи кору зиндагӣ гаштам. Ва ҳар гоҳе аз ин роҳ мегузараму ба он менигарам, мегӯям ин рамзи истиқлоли кишвари ободи ман аст, ки дар китоби рекордҳои "Гиннес" шомил гардида ва тавассути он номи тоҷикон дар саҳафоти рекордҳои олам сабт гашта.**

**Бигузор он ҳамеша партавафшон бошаду мо зери ливои Тоҷикистон бо он ифтихор дошта бошем, ки соҳибватанем.**

**Рӯзи парчам - рамзи давлатииТоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳамаи онҳое, ки ватандӯстанд, муборак!**

Ҳуриннисо АЛИЗОДА



# Парчами миллӣ: ТАЪРИХ ВА ҲИКМАТИ РАМЗҲОВУ РАНГҲО

**Тамоми давлатҳои муосир соҳиби рамзҳои миллии худ мебошанд ва Парчами миллӣ яке аз рукнҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ноябри соли 1992 пазируфта шудааст.**

**Танзими** ҳуқуқии рамзҳои давлатӣ, мувофиқан Парчами миллӣ дар давлатҳои муосир ба таври гуногун сурат гирифтааст. Бархе ин масъаларо хеле мубрам шумурда, дар сатҳи Сарқонуни худ номгӯ ва хосиятҳои онро матраҳ сохтаанд. Қисмати дигаре зарурияти танзими онро дар сатҳи конститутсия лозим нашуморида, дар қонунҳои ҷорӣ ва ё дастуру низомномаҳо иктифо кардаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, нақш ва аҳамияти рамзҳои давлатӣ, махсусан парчами миллиро ба инобат гирифта, мақоми онро дар Сарқонун муайян намудааст. Вазъи ҳуқуқӣ, тартиби омодасозӣ, андоза ва корбурди расмии парчамро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 12 майи соли 2007 муқаррар мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми табрикоти худ ба муносибати "Рӯзи парчам" рангҳои парчами миллиро "ифодагари роҳи таърихии халқи Тоҷикистон ва баёнгари арзишҳои фарҳангии миллӣ ва сиёсӣ" донист ва гуфт:

- Ранги сурх - рамзи мубоизаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед - нишонаи бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Мо тахти ҳамин парчам ба ваҳдати миллӣ расидем ва Парчами миллӣ ваҳдату ягонагии моро боз ҳам мустаҳкам менамояд. Тахти ҳамин ливо ҷомеаи нав, ҷомеаи озоди демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ месозем. 24 ноябри соли 2009 бори аввал дар Тоҷикистон "Рӯзи парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷашн гирифта шуд. Дар Душанбе дар ин рӯз бо ташаббуси ҳукумати шаҳр аз хиёбони марказии пойтахт парчами дарозиаш 1500 метр ва бараш 7 метр гузаронида шуд. Дар вилояту ноҳияҳо ва муассисаҳои давлатӣ Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон барафрохта шуда "Рӯзи парчами Тоҷикистон" ҷашн гирифта шуд.

30 августи соли 2011 дар Душанбе Парчами Тоҷикистон дар пояи махсус барафрохта шуд. Баландии он 165 метр аст ва баландтарин пояи Парчами давлатӣ дар мамолики ҷаҳон мебошад ва дар китоби рекордҳои Гиннес сабт шудааст. Ҳар фарде, ки имрӯз ба назди Парчам ва Нишони миллӣ меояд, хуб эҳсос мекунад, ки инду рамз ифодакунандаи иқболу истиқлол, иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми куҳанбунёду фарҳангии мо буда, мақсаду мароми неки тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудаанд. 9 сентябри соли 2011, рӯзи таҷлили 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон аз майдони марказии пойтахт парчами дарозиаш 2011 метр, бараш 7 метр ва вазнаш 860 кг гузаронида шуд.

Дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути парчами он муаррифӣ мегардад. Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба парчам маънои эҳтироми арҷгузорӣ ба арзишҳои деринаи таърихӣ ва фарҳангиву маънавии миллӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ мебошад, зеро парчам дар баробари Конститутсия, Нишон ва Сурудм Миллӣ аз ҷумлаи муқаддасоти милливу давлатӣ маҳсуб мешавад.

**Одилҷон ШАРИПОВ,**
*котиби суди ноҳияи Шоҳмансур*

# ПАРЧАМАТ БОДО ПАРАФШОН ТОҶИКИСТОН

**Бо** ташабуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократи Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" тибқи нақшаи чорабиниҳо оид ба таҷлили Рӯзи Парчами давлатӣ таҳти унвони "Сулҳ ба ҳама" дар кӯчаву гулгаштҳои пойтахт аксия доир гашт.

Дар аксияи мазкур ҷавонони зиёд ба хиёбони маркази пойтахт роҳпаймоӣ намуда, сипас ба майдони Парчами миллӣ ва Боғи устод Рӯдакӣ ташриф оварданд. Роҳпаймоии ҷавонон ва арҷгузории эшон ба муқаддасоти миллӣ-Парчами миллӣ бори дигар собит намуд, ки Сулҳи тоҷикон аз байн барандаи низоъҳои дохиливу минтақавӣ, рамзи баҳамоӣ, сарҷамъӣ, иттиҳоду ягонагӣ, нишондиҳандаи пешрафт, пирӯзии фарҳанги сулҳ ва ақлу заковати солими миллати хирадманд ва сулҳпарвари тоҷикон мебошад.



Маҳз бо шарофати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо тавонистем барои аз буҳрони шадиди иқтисодиву иҷтимоӣ раҳо додани кишвар заминаи устувор гузорем. Кӯшишҳои Сарвари давлат, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи расидан ба сулҳу ваҳдат беназир буда аз ҳар яки мо масулияти бузургро дар самти ҳифз ва нигоҳдошти арзишҳои миллӣ тақозо мекунад. Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки Тоҷикистон ва пойтахти он- Душанбе мактаби таҷрибаи сулҳофарӣ гардидааст ва аз ҳалли мушкилот ба хубӣ мебароянд.

**Афзалшоҳ ДӮСТЗОДА,**
*мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва бонувони КИ ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ*

# ВОРИСИ ДИРАФШИ КОВАЁНӢ

**Тоҷикистон** баробари истиқлолияти миллӣ инчунин нишонҳои истиқлолияти хешро қонунӣ намуд. Яке аз онҳо қабул карда шудани парчами давлатӣ дар иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон мебошад. Ин иҷлосия имкон дод, ки халқи мо ба тақдири таърихии хеш назар андозад, муайян кунад, ки зуҳуроти тозаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷамъият чӣ баҳрае бардошта метавонад.

Иҷлосия тавонист, ки як силсила қарорҳои тақдирсоз қабул кунад ва роҳи Тоҷикистонро ба оянда дурахшон боз намояд.

Яке аз чунин иқдомҳои наҷиб санаи 24 - уми ноябри соли 1992 дар ҳамин Иҷлосия қабул карда шудани Парчами Тоҷикистон мебошад. Имрӯз ин сана чун рӯзи таърихӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" дохил карда шудааст. Ҳар сол мо ин санаро бо тантана ҷашн мегирем. Парчами миллии мо ва парчами Президенти Тоҷикистон нишон аз дирафши Коваёнӣ доранд. Дирафш ё парчам нишона аз соҳибистиқлолӣ, обрӯ ва нуфуз аз иқтидору қудрати давлатдории Тоҷикистон аст.

Бигузор Парчами миллии мо, ки нусхаи он дар майдони Парчами пойтахти кишвар шаҳри Душанбе бо бузургию шаҳомату андозаю виқори хеш шомили китоби рекордҳои Гиннес гаштааст, ҳамеша партавафшону дар ҷило бошад ва халқи моро ба сӯйи бунёдкориҳою созандагиҳои наву тоза ҳидоят намояд.

**Нилуфар КАЛОНОВА,** *омӯзгори коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд*

# Курси бозомӯзӣ дар Варзоб

**Тибқи** супориш ва дастури Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз 13-14 ноябр дар ноҳияи Варзоб аз ҷониби кормандони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ курси бозомӯзии вакилони халқи ноҳия баргузор шуд.

Дар рӯзҳои бургузории курс иштироки фаъолонаи вакилон таъмин гардида, барои бо сифат ва самаранок гузаронидани машғулиятҳо шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин курсҳои омӯзишӣ Аброр Мирсаидов-муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ, Маҳмадулло Наимов-номзади илмҳои сиёсӣ ва Абдулло Раҳмонзода - ҳуқуқшиноси Дастгоҳи КИМ ҲХДТ дар мавзӯъҳои гуногун баромад намуда, роҳҳои самараноки фаъолияти вакилонро шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар рафти машғулиятҳо 35 нафар вакилон иштирок намуда, зимни баррасии масъалаҳои муҳокимашаванда миёни баромадкунандагон ва шунавандагон саволу ҷавобҳо сурат гирифт.

Дар фарҷоми чорабинӣ вакилон барои ташкили чунин як машғулияти омӯзишӣ ба роҳбарияти ҲХДТ изҳори миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки машғулияти баргузоршуда ҷиҳати хубтар ба роҳ мондани фаъолияти минбаъдаи онҳо ёрии амалӣ мерасонад.

**М.МАҲМУДОВ**



# «СУЛҲ БА ҲАМА»

Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Конибодом бо мақсади ташаккули фарҳанги ватандории шаҳрвандон, баланд бардоштани тарбияи ифтихори ватандӯстиву меҳанпарастии ҷавонон, сазовор таҷлил намудани Рӯзи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амали намудани Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон санаи 21- уми ноябри соли 2015 таҳти унвони "Сулҳ ба ҳама" аксия баргузор намуд.

Дар чорабини Раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Конибодом А. Бобоҷонов, муовини раиси шаҳр З.Ашӯрматова, роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳр А. Ҷалилов ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳо ва ҷавонон иштирок доштанд.

Раиси КИ ҲХДТ А. Бобоҷонов намоишро бо сухани муқаддимавӣ ифтитоҳ намуд ва ҲХДТ-ро ҳамчун нерӯи пешбаранда ва пешоҳанги ҷомеаи навин номид. Дар аксияи "Сулҳ ба ҳама" расму буклетҳо ва даъвати ТҶҶ "Созандагони Ватан" паҳн карда, ба чандин нафар ҷавонони фаъол шаҳодатномаи ҳизбӣ супорида шуд. Дар охир ҳунармандони шуъбаи фарҳанг ва ҷавонони соҳибистеъдод бо суруду таронаҳои дилангези худ дар васфи Ватан, Парчам, Ваҳдат, Сулҳ ва Дӯстӣ хотири иштирокдоронро шод гардониданд.

**"МХ"**

# ДАВЛАТ, МИЛЛАТ, ДИН ВА ТЕРРОРИЗМ

**Рӯзи 19-ноябри соли 2015 дар Маркази исломшиносии назди Президенти ҶТ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ тахти унвони "Дин ва миллат: низоъҳои идеологӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳони ислом" доир гардид, ки рӯйдодҳои ахири ҷаҳон ба рафти он бетаъсир набуд.**



КОНФРОНСРО **Абдуҷаббор Раҳмонзода** - ёрдамчии Президенти Тоҷикистон бо сухани ифтитоҳӣ оғоз бахшида аз ҷумла қайд кард, ки: *"Бегаразона таҳлил кардани низоъҳои динӣ дар маркази таваҷҷӯҳи Сарвари давлат қарор дорад. Президенти муҳтарами мо низ ҳамеша аз ин таҳдидҳо сухан меғуфт ва чун дигар ҳамтоҳои хеш дар арсаи байналмилалӣ терроризму экстремизмро маҳкум намуда, аз ҷумла чунин изҳор доштааст: "Ҳаводиси рӯзҳои охир бавуқӯъпайваста аз ҳамаи мо ҷиддан тақозо мекунад, ки барои фардои фарзандонамон муттаҳид шавем ва ин нерӯи аҳриманиро решакан созем".*

Абдуҷаббор Раҳмонзода аз ҷумла таъкид бар он дошт, ки имрӯз мо бояд сареҳан ҷойгоҳи динро дар давлати демократӣ муайян созем ва ин масъала бояд ҷарчи зудтар таҳқиқ ва дақиқ бигардад.

Дар ин ҳамоиш, ки гурӯҳи калони олимон, пажӯҳишгарон, муҳаққиқин, масъулини ниҳодҳои дахлдор, сиёсатшиносон, исломшиносон, андешамандону соҳибназарон ба ҳам омада буданд, назарҳои ҷолиб ва созанда бахри рафъи хатарҳои пешомада ва баҳои ҳақиқӣ додан ба вазъи сиёсии ҷаҳону минтақа, хоса бархӯрди манфиатҳои динӣ ва миллӣ, тафовут байни ҷаҳонбинии рӯҳониён ва тафаккури дунявӣ ва дигар масъалаҳо таваҷҷӯҳи хоса дода шуд.

Ҳозирин бар ин ақида созгор буданд, ки дар давлати дунявӣ ба ҳеҷ кадом дин бартарият дода намешавад. Он ҳаводиси рӯзҳои охир ва дар либоси Ислом ва гурӯҳҳои эътирофнагаштаи ДИ ғаразҳои дигарро пайгирӣ кардани террористонро бори дигар собит намуд, ки Исломи асил ба беадолативу куштор ва қатлу ғорат, озори инсону бехонумонии ҳазорон муслимин ҳеҷ иртиботе надорад. Роҳи ягонаи раҳоӣ рисолати умумимиллӣ касб кардани мубориза бо ифротгароист. Дунявият ҳаргиз маънои атеизмро надошта, он ҳам ифротгароии динӣ ва ҳам атеизмро маҳкум месозад.

**Муродулло Давлатзода**, олими шинохтаи соҳа ва вакили Маҷлиси намояндагон низ таассуф аз он намуд, ки мардуми мо ба пайравии кӯр-кӯрона одат карда, дар омӯзиши дин ва шариати Ислом коҳилӣ мекунанд, ки он ба хурофот ва низоъҳои гуногуни мазҳабӣ мебарад.

-Мардуми мо ҳамин ки аз номи Ислом чизе гуфтанд, аз изҳори андешаи хилофи он гӯянда худдорӣ мекунанд. Зеро метарсанд, ки ҳамсуҳбатон онҳоро ба кофирӣ муттаҳам насозанд. Ҳамчунин қайд гардид, ки дар шароити Тоҷикистон Исломро бояд дақиқ ҳамчун дин шинохт ва асли онро ба мардум муаррифӣ кард. Ҳар ҷое, ки Ислом бо сиёсат бархурд дорад, табассути қонунгузорӣ ва такмили қонунҳои марбута онро мушаххас бод кард.

Як нуқтаи бисёр ҷолиби ин конфронс он буд, ки бори дигар масъалаи таблиғи арзишҳои миллӣ ва нигаҳдошти фарҳанги пурғановати миллӣ чун мероси гаронбаҳои ниёкон аз ҷониби коршиносон таъкид гардид. Зеро дар акси он проблемаи хатар ба амнияти миллӣ ва амнияти идеологӣ боқӣ хоҳад монд. Зиёдаравӣ дар дин ва дар ҳар коре, ки бошад, ба ҳалокати ногузир мебарад, - қайд карданд иштирокдорони ин конфронс.

**Абдунабӣ Сатторзода** - мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ низ дар мавзӯи Низоъҳои диниву мазҳабӣ: сабаб, вазъ ва роҳҳои ҳалли он маърӯза карда аз ҷумла қайд намуд:

-Низоъҳои мазҳабӣ аз оғози ҳама гуна динҳо бо онҳо ҳамроҳ буданд. Низоъҳо на танҳо дар дохили як дин, балки бо дигар динҳо низ таърихи тӯлонӣ дорад. Мутаассифона, имрӯзҳо дар кишвари мо таассуби динӣ хеле боло гирифтааст, ки халои мафкуравии баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ низ бетаъсир набуд. Мавсуф таҳияи як консепсияи сиёсати равшани диниро хеле зарур шуморид, ки баъдан ин андеша аз ҷониби дигарон низ борҳо такрор гашт.

Муфтии кишвар Саидмукаррами Абдуқодирзода низ зимни баёни андешаҳои хеш таассуф аз он дошт, ки айби аксар мусулмонон дар бесаводии онҳост. Бештари мардум аз лиҳози динӣ бесавод аст, ки ин ҳолат ба низоъ кашидани онҳоро осон мегардонад.

Ба назари **Т. Асомиддинзода** - ректори Донишгоҳи Исломии Тоҷикистон низ мо бояд ҳарчи зудтар ҷойгоҳи динро дар ҷомеа ва робитаи онро ба давлат мушаххас намоем.

Мавсуф аз ҳолатҳои мушкилзои имрӯзаи муомила бо дин изҳори андеша намуда гуфт, ки гоҳе динро давлатҳо дар хидмати худ мегиранду гоҳе давлатро дар хидмати дин қарор медиҳанд, ки дар ҳарду ҳолат ҳам билохира ба мушкилот мувоҷеҳ мешаванд.

**Кароматулло Абдулҳаев** - мудири шуъбаи иттилоот ва ташхиси диншиносии Маркази исломшиносӣ бошад, бар он ақида аст, ки пешоҳангони оламӣ Ислом аксар мунофиқанду пайравони онҳо тамаллуқкор ва ин заъфи воқеияти динӣ, имонӣ ва Исломӣ аст, ки низоъҳо дар он ба вуҷуд меояд.

Ҳозирин перомуни масъала ё мушкили миллатро қабул надоштани ислом ва бархӯрди тамаддунҳо дар дохили ислом низ андешаҳои ҷолиб баён карданд.

Аҳли нишаст дар ин назар бо ҳам мувофиқ буданд, ки пайванди дину сиёсат дар давлатдории миллӣ хатарнок аст.

Агар дин характери сиёсӣ бигирад, яъне сиёсатро асл қарор бидиҳад, бо дунявият дар тазод қарор мегирад.

Пояи асосии давлатдорӣ ин фарҳангу асолати миллист, ки бояд дар оянда низ мо инро ҳамчун асос бигирем. Бояд дақиқ кунем, ки ислом эътиқод аст, фарҳанг аст ё сиёсат? Аз ин ҷойгоҳ муносибатро ба он бояд мушаххас намуд.

Вале набояд фаромӯш кард, ки мо ба хотири тоҷик будану ҳувияти миллӣ доштанамон соҳиби давлат ва истиқлолияти он гаштаем, яъне давлатдор шудаем. Мусулмонии мо хуб аст, вале кори шахсии ҳар яки мост, он бояд проблемаи сиёсӣ нашавад.

Имрӯзҳо ҷаҳон алайҳи террору терроризм муттаҳид мегардад. Мутаассифона, рӯйдодҳои нангини рӯзҳои охир, ки аз номи Ислом амалӣ гардидаанд, ҷомеаи ҷаҳониро бар зидди мусулмониву Ислом ба шӯр оварда, мавқеи ҳазорон шахсони бегуноҳро дар Аврупо танг кардааст. Тибқи иттилои расмии кишвари Россия терроризм дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба 80 фисад афзуда теъдоди қурбониёни он ба 32 658 нафар расидааст. Он 162 давлати дунёро фаро гирифтааст.

Ин аст, ки дар баробари дигар пешниҳодҳои депутатҳои ҳар ду палатаи Парлумони Россия дар ин ҷанги ошкорои алайҳи терроризм, даъват ба амал овардаанд, ки ба тариқи истисноӣ, ҳукми қатл барои террористон барқарор бигардад. Барои террористон зиндонҳои алоҳидаи махсус бунёд карда шавад. Дар тамоми олам терроризм ҷиноятe зълон карда шавад, ки қадимият (срок давности) ё гузашти солҳо низ ин нафаронро аз ичрои ҷазо озод нагардонад.

Тавре ки Президенти Россия В. Путин изҳор дошт ДИИШ-ро 40 давлати ҷаҳон маблағгузорӣ кардаанд. Аз ҷумла Амрикову Фаронса дар сафи пеш буданд. Чанде пештар ҳам онҳо хостанд бо як даст ба террористон тир андозанду бо дасти дигар онҳо "биқапанд". Вале бумеранге, ки ҳатман баргардад, дар қибоми хуни ноҳақи рехтаву хонаҳои вайрони миллионҳо мардумони минтақаи даргир, ба Аврупо баргашт, ки боз як дарси ибрати бозиҳои абарқудратон аст.

Тибқи иттилои расмии ВАО-и Россия тӯли якуним моҳи муроҷиати Башор Асад барои кӯмаки ҳарбӣ аз ин кишвар зиёда аз 3000 ҳамлаҳои ҳавоӣ ба нуқтаҳои асосии ҷойгиршавии ДИИШ амалӣ гаштааст. Дар давраи амалиёти "Возмездие" бошад танҳо тӯли 5-рӯз зиёда аз 500 парвози ҷангӣ доир гашт, ки беш аз 800 нуқтаҳои муҳими террористонро ба хок яксон кард. Фаронса бошад, тавассути бахр амалиётро дар Сурия бештар карда, иттиҳод гаштани кишварҳои олам алайҳи терроризм меафзояд. Оре, ҷаҳон ба иттиҳод меояд, иттиҳоде алайҳи терроризм.

**Ҳуриниссо АЛИЗОДА**

Парлумон

## БУҶЕТИ СОЛИ 2016 ҚАБУЛ ШУД

**Буҷети соли оянда 18 миллиарду 300 миллион сомонро ташкил хоҳад дод. Вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаи навбатӣ, ки рӯзи 18 ноябр доир гардид, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016" ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2018 - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.**

**САНАДИ** номбурдаро вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусалом Қурбониён ва Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Шариф Раҳимзод шарҳу тавзеҳ дода, аз ҷумла таъкид намуданд, ки дар лоиҳаи буҷети давлатӣ ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ диққати махсус дода шудааст. Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи иҷтимоӣ дар соли 2016 ба 8328,1 сомонӣ баробар буда, афзоиши он нисбат ба соли ҷорӣ 581,4 миллион сомонии ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар соли 2016 касри буҷети ҷорӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 0,5 фоиз ё 288,6 миллион сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. Касри васеи буҷети давлатӣ бошад, бо дарназардошти баргардонидани қарзи давлатӣ 791,4 миллион сомонӣ, аз ҷумла қарзи берунӣ 443,8 миллион сомонӣ, қарзи дохилӣ 59,0 миллион сомонӣ ё ба андозаи 1,4 фоизи ММД баробар мебошад. Пӯшонидани касри буҷет аз ҳисоби хусусигардонӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ ба маблағи 25,0 сомонӣ, даромад аз ҳисоби фурӯши векселҳои хазинадорӣ 90,0 миллион сомонӣ, Фонди Аврусиёии стабилизатсия ва рушд 139,2 миллион сомонӣ, аз ҳисоби депозитҳои ҷумҳуриявӣ, иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷет, ҷалби маблағҳои қарзию грантии барномавӣ ва институтҳои байналмилалии молиявӣ 34,4 миллион сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Лоиҳаи қонуни буҷаи соли 2016, ки ҳаҷми буҷаи соли оянда ба 18 миллиарду 300 миллион сомонӣ баробар буда ба ифодаи вазири молия Абдусалом Қурбониён бо таваҷҷӯҳ ба мушкили иҷрои нақшаи буҷа ҳанӯз масъалаи боло бурдани маош ва нафақа дар назар нест ва ҳамаи ин тасмимҳо аз чигунагии иҷрои буҷаи соли 2016 бастагӣ дорад. " Агар имконияти молиявии давлат шавад, ҳатман маошу нафақа боло хоҳад рафт," - афзуд ӯ. Буҷаи 2016 низ "хусусияти иҷтимоӣ" дошта, дар соли оянда барои таъмини бахшҳои иҷтимоии кишвар 8,3 миллиард сомонӣ равона мегардад.

Зимни муҳокимаи масъала аз ҷониби вакилон изҳор шуд, ки сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, дар он, пеш аз ҳама, афзалиятҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва бехатарии озуқаворӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Баромадкунандагон "Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016" - ро омили муҳими беҳтар гардидани некӯаҳволии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи соҳаи иҷтимоӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати роҳбарияти давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон унвон карданд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

**Дар ҷанги шаҳрвандии Сурия намояндагони мазҳаб ва адёни мухталиф зидди ҳам сангар нишастаанд. Онҳоро қувваҳои гуногун аз хориҷи кишвар дастгирӣ мекунанд. Имрӯз ҷанги Сурия аз ҷониби баъзе абарқудратҳо ҷанги мазҳабӣ, яъне ихтилофи байни алавиҳои шиамазҳаб ва аҳли суннат талаққӣ мешавад. Мухолифини давлати Сурия низ мехоҳанд ин ҷангро ба унвони ҷанги мазҳабҳо тарғиб кунанд ва дар ин замина сафи ҷонибдорони худро афзоянд. Муфтии Сурия Аҳмад Бадруддин Ҳассун дар суҳбат бо рӯзноманигори "Газета.ru" дар бораи чи гуна бояд пеши роҳи хунрезиро гирифт ва решаи хушунат натанҳо дар ихтилофи мазҳабист, нақл кард, ки ба хонандагони ҳафтанома манзур месозем.**

# МОРО МЕХОҲАНД БА ЧАНД ДАВЛАТИ СУНЪӢ ҚИСМАТ КУНАНД



Муфтии Сурия Аҳмад Бадр-уд-Дин Ҳассун

**- Дар мавриди он, ки гӯё ҷанги Сурия аз зиддияти мазҳабҳо сарчашма мегирад, ақоиди зиддунақз мавҷуд аст. Шумо низ ин фарзияро дуруст меҳисобед?**

- Панҷ сол аст, ки ин ҷанг дар сарзамини мо аланга мезанад ва ҳама кӯшиш бар он доранд, ки ҳамчун ҷанги байни мазҳабҳо муаррифӣ кунанд. Вале ин тавр нест. Аз он минтақаҳое, ки "ДИИШ" ва "Ҷабҳат-ан-Нусра" тахти назорат доранд, аз чӣ бошад, ки ҳама фирор мекунанд: масеҳиҳо, сунниҳо, алавиҳо… Онҳо ба он манотиқ фирор мекунанд, ки артиши Сурия мустақар аст. Музофоти Ракқа ва Идлиб, минтақаҳоеанд, ки дар он ғолибан суннимазаҳабон зиндагӣ мекунанд, вале чӣ "фазилат"-е бошад, ки мардуми ин вилоятҳо аз дасти "Ҷабҳат-ан-Нусра", ки худро "ҳомии суннимазҳабон" эълон кардааст, кӯч мебанданд.

Сурия давлати дунявист. Барои тасдиқи фикри худ як мисол меорам. Ҳафтод сол қабл аз ин Сарвазири кишвари мо масеҳӣ буд. Феълан мо ягона давлат дар Шарқи Наздикем, ки кӯдакон дар мактаб танҳо як дарси динӣ мехонанд. Дар донишгоҳҳо мусалмонон ва масеҳиҳо якҷоя таҳсил мекунанд. Барои дар ҳукумат кор кардан шарт нест, ки намояндаи ягон мазҳаби муайян бошӣ. Ман рӯзноманигорони русро даъват мекунам, ки ба гуфтаҳо ва навиштаҳои ҳамкорони худ аз воситаҳои ахбори давлатҳои Ғарб бо назари интиқодӣ муносибат кунанд. Ман шоҳиди он будам, ки як силсила ВАО-и русӣ, масалан шабакаҳои моҳворавӣ, нуқтаи назари рӯзноманигорони ғарбиро бидуни шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Андеша намекунанд, ки диду назари онҳо ғолибан ғаразнок буда, аз ҳақиқат ва воқеият фарсаххо дур аст.

**-Ба назари Шумо ин ҷанг аз куҷо сарчашма мегирад?**

- Феълан ҷанг байни терроризми динӣ ва давлати дунявӣ меравад. Ҷанги Сурия ин муқовимати байни адёну мазҳаб ё аз қудрат барканор кардани Башор Асад нест. Ҳадафи аслии ин ҷанг барҳам задани Сурия ба ҳайси охирин давлати дунявӣ дар Шарқи Наздик аст. Кишварҳои дигари минтақа кайҳо ба давлате, ки тахти тасарруфи як дин ва ё як мазҳаб қарор доранд, табдил ёфтаанд. Ҳатто дар Лубнон ин ҳолат эҳсос мешавад. Ин кишвар аз рӯи нишонаҳои диниву мазҳабӣ ба чанд қисм ҷудо шудааст. Собиқ Президенташ - моруни (маронит), роҳбари парлумон-шиъа ва танҳо ҳамин мувозинат имкон медиҳад, ки дар ин кишвар сулҳ таъмин бошад. Дар Урдун (Иордания) бошад, шоҳ ҳамеша ҳошимӣ (авлоди Ҳошим ибни Абд Маноф, бобобузурги ҳазрати Муҳаммад (с), дар Арабистони Саудӣ сулолаи ҳоким суннимазҳабон ва бояд ҳатман аз насли Оли Сауд бошанд. Дар Ироқ президент бояд аҳли суннат ва сарвазир ҳатман шиъамазҳаб бошад. Туркия низ имрӯз ба кишваре табдил ёфтааст, ки мехоҳад ҳамин низоми яккаҳукмрониро ҷорӣ намояд.

Танҳо Сурия ҳанӯз ба ҳайси кишваре боқӣ мемонад, ки ҳам президент ва ҳам сарвазир имкон дорад масеҳӣ, шиъамазҳаб, алавӣ ва ё аз аҳли суннат бошад.

Имрӯз ватани моро мехоҳанд бо баҳонаи ихтилофи мазҳабӣ ба чанд давлати сунъӣ ва сохта қисмат кунанд. Чунин нақшаи тарҳрезишуда дар гузаштаи на чандон дур амалӣ гашт. Дар натиҷа, дар қалби Аврупои мутамаддин ба ҷои як кишвари гуногунмазҳаби тифоқ ва қудратманд мо чанд кишвари ба ҳам мухолиф: Сербияи православӣ (ортодокси), Хорватияи католикӣ ва Боснияи мусалмониро мебинем, ки хеле дардовар аст.

**- Пас чӣ гуна ин ҷанг оғоз шуд ва чаро мухолифини ҳукумати Сурия то ин андоза тавоноянд?**

- Ҳар ҳодисае, ки имрӯз дар кишвари мо рух дода истодааст, табиати суриягӣ надорад, яъне ба Сурия дахл надорад. Ҳамаи он дар берун тарҳрезӣ шудааст. Танҳо хотиррасон намудани ҳамин кифоя аст, ки аз рӯзҳои аввали даргирӣ ду ситоди ҷангиёне, ки алайҳи артиши Сурия ба по хестанд, созмон дода шуд: яке дар Урдун ва дигарӣ дар Туркия. Дар қаламрави Урдун бо ҷангиёни сурияги афсарони аршади Қатар, Арабистони Саудӣ ва ҳатто Британияи Кабир кор мебурданд. Дар Туркия бошад, ба ғайр аз намояндагони кишварҳои номбаршуда, афсарони турк низ дастур медоданд. Тӯли се сол Сурия бо ин қувваҳо муқовимат намуд ва муваффақ ҳам буд. Чун диданд, ки аз ин ҳеҷ мурод ҳосил нашуд, "ДИИШ"-ро ба ҷониби мо таҳрик доданд ва хоки Сурияро ба хун оғушта карданд. Имрӯз дар сафи ин қувваи иблисӣ тақрибан 30 ҳазор террористони уйғурӣ аз Чин, ИДМ, Британияи Кабир ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо алайҳи Ҳукумати қонунии Сурия меҷанганд. Онҳо новобаста аз он, ки инсон ба кадом дину мазҳаб эътиқод дорад, ҳамаро қатли ом мекунанд. Таъкид кардан ба маврид аст, ки террористони "ДИИШ" дар давраи ҷанг нисбат ба дигарон бештар мусалмонони суннимазҳабро эъдом кардаанд.

Вақте ки намояндагони Арабистони Саудӣ Русияро ба дастгирии шиъамазҳабон ва ҷанг алайҳи суннихо айбдор карданд, Путин дуруст посух дод, ки мо сурияиҳоро дар набардашон зидди террористон дастгирӣ мекунем, на ҳукумати Сурия, на пайравони мазҳаби шиъа ва ё гурӯҳи дигареро.

**- Худи Шумо алавӣ ҳастед ё суннӣ?**

- Ман аз аҳли суннат ҳастам, вале дар робита бо раванди ҳодисаҳое, ки дар кишвари мо ба вуқӯъ пайвастаанд, ин чиз бароям муҳим нест. Боре дар телевизиони Арабистони Саудӣ маро "муфтии суннимазҳабони Сурия" унвон карданд. Ман ба онҳо посух додам, ки ман на танҳо муфтии суннимазҳабон, балки муфтии халқи Сурия ҳастам. Дар байни пайравони ман ва онҳое, ки амри маъруфи маро гӯш медиҳанд, ҳам мусалмонон ва ҳам масеҳиён мавҷуданд. Ҳамаи инҳо фарзандони мананд. Ҳанӯз дар оғози ҷанг вазири дифои кишвар Довуд Раҷиҳа, ки масеҳӣ буд, дар натиҷаи як амали террористӣ ба ҳалокат расид. Ҳамсар ва духтари ӯ то ҳол пеши ман меоянд ва мегӯянд: "Шумо патриархи (мансаби рӯҳонӣ дар мазҳаби масеҳӣ) моед".

**- Имрӯз Шумо яке аз шахсиятҳои маъруф дар ҷабҳаи ҷонибдорони ҳукумати Сурия маҳсуб мешавед. Аз сӯиқасд ба ҷони худ намеҳаросед?**

- Намедонам то кадом андоза Шумо иттилоъ доред, вале дар рафти ин ҷанги хунин террористон фарзанди маро ба қатл расониданд. Онҳо ин кори нангинро ба он хотир анҷом доданд, ки ман аз ҷонибдории ҳукумати кишвар даст кашам. Ба аҳли байти ман борҳо таҳдид карданд, ба худи ман маблағҳои бузург ва хонаву кӯшкҳои барҳаво ваъда карданд, то ман аз хоки Сурия берун равам ва дар дигар кишвар, фаразан Туркия мустақар шавам. Вале ин кор барои ман хеле гарон аст, чунки ман ҳанӯз ба дарди худ нарасидаам ва фикри мардуми Сурия маро ором намегузорад. Гуфтагӣ барин, ду сол қабл аз ин мухолифин ду рӯҳониро, ки дар байни масеҳиён обрӯву эътибори хосса доштанд, асир гирифтанд. Онҳоро ба хоки Туркия интиқол доданд. Мехоҳам аз ҳукумати Туркия суол кунам, ки тақдири ин ду рӯҳонӣ чӣ шуд? Чаро ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба ин қазия хомӯш аст? На католикҳо, на православиҳо ва на дигар мазҳабҳои масеҳӣ ба тақдири ин ду қурбонии ҷаҳолат мароқ зоҳир намекунанд…

**- Мардум ба амалиёти ҳарбии Русия алайҳи террористон, ки дар хоки Сурия ҷараён дорад, чӣ гуна муносибат доранд?**

- Банда пештар дар чеҳраи суриягиҳо табассумеро, ки баъд аз оғози амалиёти ҳарбии русҳо мушоҳида кардам, надида будам. Бовар кунед баъд аз оғози ин амалиёт, ҳамарӯза беш аз 200 хонаводаи гурезаҳо аз хоки Урдуну Туркия ба Ватан бармегарданд. ВАО-и Ғарб бошад, ин манзараи риққатоварро намоиш намедиҳад ва баръакс сарлавҳаи ахбори ҳамарӯзаашон гӯё фирори мардуми Сурия ба кишварҳои Ғарб аст. Ҳол он ки қисми бештари ин гурезаҳо сурияги нестанд. Ман амалиёти ҳарбии Русияро дар кишвар комилан ҷонибдорам, вале ба ин низ қоилам, ки он хеле дер оғоз ёфт…

**-Чаро Шумо мутмаинед, ки роҳбарияти Русия дар баробари дастгирии ҳукумати Сурия дар ин ҷанг тасмими дуруст гирифтааст?**

- Чаро, ки Сурия ягона давлат аст, ки нагузошт сохти дунявии давлатдориашро ба осонӣ шикананд. Агар мо алайҳи ин вабои аср муқовимати ҷиддӣ намекардем, моҳе нагузашта алангаи ин ҷанг дар хоки Туркия баланд мешуд ва он ҳамчун давлати аз байн мерафт. Аз он ҷо бошад то Русия чанд қадам аст. Дар дунё хоҳишмандони зиёде мавҷуданд, ки мехоҳанд фитнаҳои Сурия дар қаламрави Русия низ такрор шавад.

**- Ба андешаи Шумо чӣ бояд кард, ки дар Шарқи Наздик мардуми мазҳабҳои мухталиф ба сулҳу салоҳ оварда шаванд?**

- Ҷавононро бояд аз нав тарбия кунем, бо онҳо пайваста кор барем. Илова бар ин бояд масъалаҳои динӣ аз сиёсӣ ҷудо карда шаванд. Бояд тавре тасмим гирифт, ки аз як тараф хусусияти динӣ доштани давлат ҳамчун мубориза алайҳи дин маънидод нашавад, аз ҷониби дигар бошад, дин бояд ба инсон хизмат кунад, на ин ки инсонро идора кунад. Охир Исои Масеҳ давлатро танҳо барои масеҳиён насохта буд. Муҳаммад (с) низ давлатро танҳо барои мусалмонон ва Мӯсо барои қавми яҳуд бунёд накарда буданд. Онҳо давлатҳои таҳаммулпазир ва хусусияти дунявидошта сохтанд. Чанде қабл Владимир Путин дар Маскав масҷиди бузургеро бино кард. Ин иқдоми хеле наҷиб аст. Вале бовар кунед, агар ӯ корхонаи бузургеро барои истеҳсоли дору месохту масҷиди кӯчаке барои ибодат, савобаш бештар мебуд. Гумон мекунам, ки агар имрӯз Исои Масеҳу Муҳаммад (с) аз нав зуҳур мекарданд, ба масҷиду калисо намерафтанд, балки ба майдону варзишгоҳҳо, ки анбӯҳи мардум бештар аст, рафта амри маъруфу ибодат мекарданд.

**- Шумо онҳоеро, ки аз ҷониби "ДИИШ" ва ё дигар гурӯҳҳои иртиҷоӣ ҷанг мекарданду баъдан пушаймон шуда ба қувваҳои ҳукуматӣ таслим шуданд, оё мебахшед?**

- Бахшандагӣ аз сифатҳои Худованди Карим аст. Ман ҳар ҳафта дар маъвизаҳои худ онҳоро ба ин иқдоми савоб ва наҷотбахш даъват мекунам. Садҳо сурияиҳои фиребхӯрда пайваста ба ҷониби мо мегузаранд ва мо онҳоро мебахшем. Дари Ватан барои ҳама боз аст ва барои касе дар ин замина мушкилӣ эҷод намешавад.

*Мусоҳиб* **Владимир ВАЩЕНКО**
*Тарҷумаи "МХ"*

**Ифротгароӣ ё ба истилоҳ экстремизм дар шароити феълии ҷаҳонишавӣ ва ташаннуҷи бархӯрдҳои динӣ-мазҳабӣ ва сиёсию тамаддунӣ ба як "анъанаи" хатарзо ва хушунатбор табдил ёфта, дар кунҷу канори сайёраи Замин, махсусан манотиқи гуногуни Шарқи мусулмонӣ ноорамию бесуботии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро ба дунбол меоварад.**

## Ифротгароӣ ва терроризм:

# Аз Шарқ ба Ғарб

**АММО** ин нукта аслан абарқудратони ҷаҳониро ба ташвиш намеорад, баръакс, тибқи хоҳиш ва тарҳҳои сохтаи онҳо роҳандозӣ мешавад ва ахиран ба коми онҳо анҷом мепазирад. Дар ин замина як нуктаро таъкид кардан зарур аст - қудратҳои бузурги сиёсӣ ҳамеша ба ҷомеаҳое иртибот мегиранд ва тарҳҳои сиёсӣ роҳандозӣ менамоянд, ки зарфиятҳои тангу маҳдуди иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва иқтисодӣ дошта, дастнигари дигаронанд. Ба ибораи дигар, ҷомеаҳое, ки ба гирдоби хурофоту таассуби суннатӣ ва ба истилоҳ, "ҷаҳли мураккаб" гирифторанд, аз назари равонӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ сахт осебпазир буда, бо "вазиши" муқаррарии боди ҳангомаю тавтеа ваҳшонияташон боло мегирад ва дар пайи даҳшат овардан, тахриб сохтан ва валангор кардани кишварҳо гом мебардоранд.

Ифротгароӣ ва террори динӣ-мазҳабӣ, ки ағлаб дар кишварҳои Ховари Миёнаю Наздик ва Осиёи Ҷанубӣ, амсоли Афғонистон, Покистон, Ироқу Сурия, Лубнон ва ғайра тарҳрезӣ мешуд, имрӯз ҳудуди хешро тавсеа бахшида, ба Аврупо "кӯч" бастааст. Акнун "хатти маши" террори динӣ-исломӣ аз Шарқ ба Ғарб расида, кишвар ва давлатҳои қудратмандро мисли Фаронса ба коми худ мекашад. Ҳодисаи мудҳише, ки субҳи 7 январи соли 2015 дар идораи маҷаллаи ҳаҷвии "Шарли Эбдо" (CHARLIE HEBDO)-и Париж ба вуқӯъ пайваст, боиси нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Субҳи 7 январ шахсони мусаллаҳ вориди идораи маҷалла шуда, ходимон ва кормандон, ҳамчунин шахсонеро, ки он ҷо ҳузур доштанд, мавриди тирпарронӣ қарор доданд. Дар натиҷаи ин амали террористӣ 12 нафар, аз ҷумла ҳайати мудирият ва кормандони эҷодии маҷалла, ду корманди полис, шореҳи радиои "Франс Интер" ба қатл расида, 11 нафар ҷароҳатҳои вазнин бардоштанд. Дастандаркорони амали террористии январӣ бародарон Саид Куашӣ ва Шариф Куашӣ шинохта шуда, қаблан шомили гурӯҳҳои террористии динӣ будаанд ва аз курсҳои тамринии тахассусӣ дар заминаи даҳшатафканӣ (террор) ва тахрибкорӣ (диверсия) гузаштаанд.

Бо гузашти камтар аз даҳ моҳ, дақиқтараш, 13 ноябри соли 2015 амалиёти террористӣ дар чанд мавзеи шаҳри Париж дубора такрор шуд. Ин дафъа он 129 кушта ва шумори зиёди захмиён ба ҷо гузошта, вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии Фаронсаро ноҷӯр ва фазои фарҳангии кишварро халалдор сохт. Ҷангиёни "Давлати Исломӣ" аз амалҳои террористии 7 январ ва 13 ноябри соли 2015 дар шаҳри Париж истиқбол карда, ҳамлаваронро "Қаҳрамонони ҷиҳод" эълом доштанд ва ин амалиётро бар уҳда гирифтанд. Мусаллам аст, ки ҳадафи аслӣ ва калидии чунин навъи террор тарсонидан, миёни мардум даҳшат афкандан ва дар маҷмӯъ, ба вуҷуд овардани "дарҳамбарҳамӣ" дар фазои сиёсию иҷтимоӣ мебошад. Одатан, тарҳрезӣ, роҳандозӣ намудани террорҳо, махсусан террорҳои хусусияти динӣ-мазҳабидошта эҷоди хусуматҳои динӣ, мазҳабӣ ва нажодию миллӣ ва дар ин замина, тамаркузи беназмию бесуботӣ дар минтақа мебошад. Аммо, чуноне ки мушоҳида кардем, назму субот натанҳо дар Фаронса барқарор монд, балки табақоти гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳри Париж таҷаммуъ барпо карда, хотираи фавтидагонро гиромӣ доштанд ва бад-ин тариқ алайҳи терроризми динӣ эътироз намуданд. Амалиёти террористии 13 ноябрро метавон ба таври зайл тафсир кард:

**ЯКУМ.** Муҳаққиқон ва коршиносон ба ин назаранд, ки зуҳуроти номатлуби бунёдгароӣ (фундаментализм), тундгароӣ (радикализм), ифротгароӣ (экстремизм) ва даҳшатафканӣ (терроризм) дар маҳрумиятҳои фикрӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ реша дошта, қишрҳои камфаъол ва камзарфияти иҷтимоӣ ба ин гурӯҳҳо шомил мегарданд ва дар натиҷа, миёни ҷомеа, бахусус қишрҳои осебпазири иҷтимоӣ зӯроварию бадбинӣ (агрессия), истибдод (деспотизм) ва хушунат тавлид мекунанд. Аз ин рӯ, дар мамолики Шарқи мусулмонӣ бештар масоили маҳрумиятҳо ва нобаробариҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фикрӣ ва моддию маънавӣ матраҳанд ва бар заминаи он бадбинӣ ва ифротгароии динӣ-мазҳабӣ дар ҷомеа ташаннуҷ пайдо мекунад. Мафкураи истеъмории динӣ-мазҳабӣ дар ҷомеаи суннатӣ хурофот ва таассубро барангехта, ба ин васила зеҳнсозиҳои динӣ матраҳ ва пойдор мегарданд. Он тадриҷан вусъат намуда, паҳнои иҷтимоиро фаро мегиранд ва дар шакли террорҳои ақидатӣ (мафкуравӣ) ва ҷисмонӣ хурӯҷ мекунанд. Ин шеваи фаъолиятҳо солҳост дар Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳои динзадаи шарқӣ роҳандозӣ шудаанд. Минбаъд бадбинии динӣ-мазҳабӣ ба силсилаи ақидаҳои хурофотӣ ва тафриқоти мазҳабӣ дар ҷомеа "ҳоким" мешавад. Аҷобати кор дар он аст, ки бо мурури замон ин навъи бинишҳои хурофотӣ ва таассубии суннатӣ доираи нуфузро тавсеа мебахшанд ва аз як макон ба макони дигар интиқол меёбанд. Ин аст, ки доираи таассуботи динӣ-исломӣ аз Шарқ ба Ғарб - Франсия нуфуз пайдо карда, ҳамлаҳои террористии динӣ дар шаҳри сернуфус ва мутамаддини ҷаҳонӣ - Париж доман густурд ва таҷриба шуд.

**ДУЮМ.** Кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ назири Амрико, Англия, Русия, Италия, Фаронса то дирӯз иддао мекарданд, ки ифротгаройии динӣ "воҳимае" беш нест ва он хатари глобалӣ буда наметавонад. Аммо ҳаводиси Париж нишон дод, ки Аврупо имрӯз бо хатарноктарин унсур барои ҳастии инсонӣ - ифротгароӣ ва терроризми динӣ (дар қолаби исломи радикалӣ) мувоҷеҳ гардида, "хоби гуворои" сиёсатмадорони аврупоиро хароб кард. Вақте ки амалҳои террористии январӣ дар Париж ба вуқӯъ пайваст, масъалаи ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хатар эҷод кардани тундгароӣ ва ифротгароии исломӣ ба миён гузошта шуд, вале онро боз ҷиддӣ нагирифтанд ва тасодуфе беш надонистанд. Акнун, ки ҳаводис такрор шуд, ба урфи мардумӣ, дар пӯстини сиёсатмадорони ғарбӣ, махсусан коршиносону политтехнологҳои аврупоӣ "кайк" даромад.



Хуб дар ёд дорем, ки элитаи сиёсӣ ва қудратии амрикоию аврупоӣ ҳамеша кишварҳои пасошӯравӣ, минҷумла Тоҷикистонро ба он муттаҳам медонист, ки озодии виҷдонро риоят намекунанд (имрӯз низ ин тамоюл идома дорад). "Озодии виҷдон" гуфта, онҳо иҷозаи ба масҷид нарафтани насли то 18-солаи тоҷикро дар назар доранд. Муҳимтар аз ин, сиёсати аврупоӣ ҳадафмандона аз исломи сиёсӣ дар симои ҲНИТ ва рӯҳонияти мутаассиби минтақа дифоъ мекунад. Акнун таваҷҷуҳ кунед: исломи сиёсиро террорист мехонад, дар навбати худ аз он дар манотиқи Ховари Миёна ва Наздик, Осиёи Марказӣ дифоъ намуда, пойгоҳҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ дуруст мекунад. Гузашта аз ин, ҷиҳати идома пайдо кардан ва истеҳкоми молиявию низомӣ ёфтани пойгоҳҳои террористӣ дар манотиқи даргир (Афғонистон, Покистон, Сурия, Ироқ, Нигерия, Чад) иқдом меварзад. Ин "иқдомот" сабаби интиқоли ҳадафмандонаи терроризми динӣ аз манотиқи шарқӣ ба мавозеи ғарбӣ мегардад ва аллакай таҷриботи муқаддамотии он дар шаҳри Париж сурат гирифт.

**СЕЮМ.** Пурсиши ин ки чаро фундаментализм, терроризм, экстремизм ва радикализми динӣ дар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ реша давонда истодааст, метавонад посухҳои мухталиф дошта бошад. Агар, аз як тараф, империализми ҷаҳонӣ дар симои Амрико ва Аврупо аз исломи сиёсӣ ба сифати "бизнеси" мувофиқ ва сердаромад корбаст кунад, аз ҷониби дигар, аксари кулли мусулмонони дунё аз назари огаҳӣ ва иттилоъ, маърифат ва ҷаҳонбинӣ ақибмонда буда, донишу ҷаҳонбинии онҳо бештар рӯйи эҳсосу тасаввурот қарор дорад ва дар заминаи он дар сурати афзун гардидани интиқодоти мафкуравӣ (ба он ҳанӯз ҷиддӣ одат накардаанд), ҳассосият ва вокуниши шадид дар қолаби қатлу куштор нишон медиҳанд. Ин аст, ки нахуст бояд ҷомеаҳои исломӣ ба низоми сиёсии дунявӣ ва ташаббусоти инсонӣ мутамоил сохта шаванд, яъне ба муҳити муътадили эҷодӣ ва фарҳангӣ ворид гарданд ва дар ин замина, эҳсосоти худро назорат карда тавонанд. Дар ин амр "ҳомиёни" ҳуқуқи башар - Амрикою Англия ва дигар давлатҳои аврупоӣ, ба ҷойи гилаву шикоят, шӯрангезӣ, таъназанӣ, ҳангомасозӣ, тарафгирӣ метавонанд корҳои муфид анҷом диҳанд. Сохтани макотиб, иншооти фарҳангӣ, китобхонаю марказҳои маърифатӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба инфрасохтори мамолики ақибмонда маҷмӯаи тадбирҳоеанд, ки ҷараёни саводноккунии кишварҳои шарқии вопасгароро таъмин менамоянд. Дар ин кор зиёиёни дохилӣ саҳми муносиб гирифта метавонанд. Бояд дар ёд дошт, ки дигарон ҳеҷ гоҳ дар фикри муҳитсозӣ нестанд, баръакс, онҳо бар он манфиатдоранд, ки муҳитҳои фарҳангӣ ва тафоҳуми миллию мардумӣ вуҷуд надошта бошад, то роҳандозии тарҳҳои гуногуни сиёсӣ ба мушкил мувоҷеҳ нагарданд.

**ЧАҲОРУМ.** Ифротгароии динӣ маҳсули фарҳанги биёбонӣ ва натиҷаи ҷаҳолати мардумист. Ҳар қадар дар ҷомеа ҷаҳлу зулмот мусаллат бошад, ҳамон қадар беназмӣ, беадолатӣ ва қонуншиканиҳо решадор мегарданд. Гурӯҳҳои махсусе таҳти пӯшиши хадамоти ҷосусӣ афродро дар доираи дину мазоҳиб мағзшуӣ мекунанд ва барои анҷом додани амалиёти даҳшатафканӣ ва тахрибкорӣ сафарбар менамоянд. Одатан ҷавонон, ки аз лиҳози зеҳнӣ ва ақлонӣ рушд наёфтаанд, осебпазиртар буда, зуд ба ин ҷараёнҳо ҷалб мешаванд. Дар зеҳни онҳо, ки мисли "лавҳи сафед" (таъбири файласуфи англис Ҷон Локк) тозаю покиза аст, ифроту хурофот пур карда мешавад ва азбаски ҷавонон сахт ҳассосанд (чун "хунашон дар ҷӯш" аст), бегумон, шефтаю мутамоили ақоиди бебунёд мешаванд. Муҳимтар аз ин, онҳо фикр мекунанд, ки дар пешгоҳи Худованд иззат доранд ва бо ин гумон ба ҳар коре, ки "миёнҷиёни Худо" дар қолаби ҷиҳоди динӣ мефармоянд, қатъан иҷро карда, ба биҳишти ваъдагӣ мерасанд. Бозӣ кардан бо зеҳни насли ҷавон, мутаассибон ва эҳсосоти мардуми хурофотӣ аз мушаххасоти кори хадамоти махсус маҳсуб меёбад ва маводи нашрияи "Шарли Эбдо" (7 январи соли 2015) ва ҳамлаҳои ҳавоии фаронсавӣ бар зидди ДИИШ гӯё косаи сабри "муслимин" (ниҳоди ифротгаро)-ро лабрез карда, иқдомоти навбатӣ - қатлу кушторро ба бор овард. Сенарияҳои Париж дар дигар манотиқ идома ёфта метавонанд ва маълум шуд, ки ҷомеаи ғарбӣ ҳам дар баробари ифротгаройии динӣ осебпазир аст. Аз ин рӯ, мебояд, дар баробари он якҷоя мубориза бурд.

Ба дини Ислом нафрат варзидани мардуми аврупоӣ баъди ҳодисаҳои нангини Париж масъалаи дигар аст. Баъзе ниҳодҳои иҷтимоии аврупоӣ баъди ин ҳодиса тазоҳурот барпо карданд ва ин ҳусни тафоҳумро байни адёну мазоҳиби ҷаҳонӣ халалдор месозад. Бинобар ин, дар ин вазъияти ҳассос иттиҳоди нерӯҳои фикрӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, ҳунарӣ ва сиёсӣ як дараҷа раванди ташаннуҷи нобовариҳои динӣ ва ақидатиро дар ҷомеаҳои мухталиф боздошта карда метавонад.

**ПАНҶУМ.** Агар дар пасманзари ҳаводиси ахир вазъи Тоҷикистонро дар назар бигирем, дармеёбем, ки ҷавонони тоҷик ва умуман Осиёи Марказӣ аз Русия ба ҷангҳои мазҳабии Ироқу Сурия ҷалб мешаванд ва гурӯҳе масъули сафарбар кардани онҳо мебошад. Мавҷи ифротгароӣ аз берун, дақиқтараш, аз ҷавонмуҳоҷирони тоҷик ба дохил интиқол ёфта истодааст ва агар ин раванд ҷилавгирӣ нашавад, теъдоди мутаассибини мазҳабӣ дар кишвар зиёд мегардад ва ин вазъро дар минтақа муташанниҷ месозад. Тасаввур кунед, барои ташкилу созмондиҳии гурӯҳҳои ифротгаро, амалисозии нақшаҳои даҳшатафканӣ, беназмию бесуботии иҷтимоӣ, тахриби иншооти бузурги саноатӣ ва амсоли инҳо маблағҳои калон лозим аст ва ин гуна манбаъҳои молиявӣ аз куҷо ба дасти тундравону ифротгароён меафтад? Агар ин гуна гурӯҳҳои муташаккил ва созмонёфта пӯшиши амниятӣ ва пулӣ-молиявӣ надошта бошанд, зарфи якчанд рӯз пароканда ва мағлуб мешаванд, аммо, чуноне ки мушоҳида мекунем, рӯз ба рӯз, сол ба сол ва мустаҳкамтар мегарданд ва рифоҳи молию пулӣ, ғизоӣ, ҳарбӣ-интизомӣ касб менамоянд.

**ШАШУМ.** Ба ҳар сурат, мардум ва мақомоти марбутаи Франсия бар асари такрори ҳаводиси ахир хуб дарк кард, ки ифротгароии динӣ хобу хаёл нест ва хурӯҷи онро дар ҳар шакле метавон интизор шуд. Ҳамин гуна ҳодиса дар мамолики дигари аврупоӣ низ метавонад ба вуқӯъ пайвандад. Муҳим он аст, ки ҷомеаи аврупоӣ ин дафъа эҳсос кард, ки дар баробари хатарҳои глобалӣ бояд паҳлуи ниҳодҳои фикрӣ, рӯшангарӣ, амниятию интизомӣ мубориза барад ва дар ин роҳ аз тамоми имконот истифода намояд.

**Нозим НУРОВ,**
*Маркази омӯзиши равандҳои муосир ваояндангарии илмии АИ ҶТ*

# Хурофо

# ҷаҳлу ақибм

## Ё АНДЕШАЕ ЧАНД ПИРОМУНИ ОН

**Дар биное, ки ман зиндагӣ мекунам, боре зарурати ҷамъоварии маблағ барои таъмири хати ташноб (ба истилоҳ "канализатсия") аз маскунини бино (хуб, медонед, ки дар ин бобат муроҷиат кардан ба идораи хоҷагии манзиливу коммуналии маҳал орӣ аз мантиқу манфиат аст, чун он заифии худро нишон дода) пеш омад. Мо, якчанд нафар пайи ҷамъоварии маблағи зарурӣ дари чанд ҳамсояро кӯфтем. Азбаски ин амал баъд аз соати корӣ анҷом меёфт, торикии шом аллакай фаро расида буд. Ва… баҳонае шуд ба баъзе ҳамсояҳо барои саркашӣ намудан аз додани пули таъмир-"шаб шудааст, дар торикӣ пул додан хосияти хуб надорад". Аз оне, ки аз таҳхонаи бино бӯи ғализу нофорам ба берун паҳн мешуд, касеро гӯё парвое набуд (зиёда аз ин, бинои мо ҳамшафати дармонгоҳи ҷумҳуриявии беморихои сироятист). Ана ҳамин гуна мо боварҳое дорем, ки аз "бобо"-ҳо мондаву ва ифтихор дорем, ки онҳоро ҳифз кардаем…**

**ЗИЁДА** аз ин, мо доимо фахр аз он дорем, ки ҷомеаи мо ҷомеаи "суннатист" ва ҳамин омил аст, ки моро аз фурӯбарии фарҳанги бегона наҷот додааст. Хурофот ончунон ба ҳаёти бархе аз мо омехта шудааст, ки акнун зиндагӣ бе он маъное надорад. "Ҷорӯбро рост мондан мумкин нест", "гурбаи сиёҳ аз  пеши роҳ гузарад, хуб нест", "шаб пул додан хосияти хуб надорад", "аз роҳ гаштан хосияти хуб надорад" ва амсоли ин боварҳо имрӯз, дар қарни 21, ки инсоният илмро  ба хидматгори хеш табдил дода, кашфиёти нав ба нави ҳайратоварро рӯйи кор меорад, мутаассифона то ҳол "ҳокимон"-и ҳаёти рӯзмарраи мо ҳастанд.

Аз рӯйи инсофу адл агар бигӯем, ки хурофот танҳо дар ҷомеаи мо ҳукмрон аст, ин ҳам беадолатӣ мебуд. Ҳамагон барномаҳои шабакаҳои Русияро тамошо мекунед ва мебинед, ки яке аз барномаҳои "рейтингӣ"-и маъруф ҳамонҳое ҳастанд, ки ба "экстрасенс"-у  "гадалка"-ҳо (фолбинон) бахшида шудаанд. Хурофотро ҳоло дар ягон гӯшаи ҷаҳон то ба охир мағлуб накардаанд ва он дар сайёра то ҳол ҳукмрон аст, чун маншаъ аз боварҳои ибтидоии инсоният, он замоне, ки ӯ назди ҳаводиси табиӣ оҷиз буду тарсу ваҳм аз он дошт, мегирад. Хурофот реша аз ҳамон боварҳо гирифтаву ин боварҳо ба динҳои ҷаҳонӣ то андозае низ даромада… Аммо дар ҷомеаи мутамаддин кайҳо ба он "лаҷом" задаву мутаассифона, дар ҷомеаи мо он баъзан ба шакли ифрот мерасад.

Суол ба миён меояд: чаро дигар миллатҳо хурофотро анқариб решакан кардаву ба қуллаҳои баланди рушд расида, ҳоло ҳам баромадан ба он доранду мо то ҳол пойбанди он ҳастем ва омехта ба хурофоти диниву мазҳабӣ даст ба ҷаҳолату Фархундасӯзӣ мезанему дар кашфиёти илми муосир ҳамчун тамошобин ҳастем ва ҳиссае дар он надорем? Коршиносон ба ин назаранд, ки муваффақияти ҳароина миллату тамаддун такя ба идеология ва низоми ҷаҳонбинии  рӯи кор овардаи он аст. Масалан, муваффақияти Чини муосир маншаъ аз таълимоти Буддо, Конфутсий ва Лао Тси (даосизм) мегирад. Агар ин таълимоту ҷаҳонбинӣ намебуд, Чини муосирро мо имрӯз ба тамом дигаргуна медидем ва далел нест, ки ингуна бомуваффақ. Пешрафти Ҷопон такя бар ҷаҳонбинии синтоизм асту рушди Аврупо ба шарофати Реформатсия ва замони Эҳё, он вақте ки доират-ул-маорифи қитъа ҳукмронии мутлақи калисои ҷаҳолатмаоби насрониро дар Аврупо барҳам зад. Атрофи чунин мисолҳо ва таҳлили онҳо метавон бисёр ҳарф зад, ки вақти зиёдеро хоҳад гирифт.

Пас моро чӣ? Магар дини мубини Ислом, ки тавъам бо урфу одати бадавиҳои биёбоннишин ба  сарзамини мо омадааст , ин боварҳои ақвоми аз рушд ории сусморхӯрро сари мо таҳмил дод? Бархе аз ҳамватанони мо, ҳарчанд, ки шумораашон зиёд  нест, ин ақидаро дастгирӣ мекунанд. Аммо аз рӯйи ҳақиқати таърихӣ мо бояд ин ҷо зиёдаравӣ накунем. Хилофати аввалини Исломӣ, ҳамчун империя сохтори давлатдориро анқариб пурра аз империяи Сосонӣ нусхабардорӣ намуд, чун аъроб таҷрибаи идораи чунин сарзамини мутамаркази бузургро надоштанд. Баъдан, махзани илму маърифати миллатҳои ориёӣ ба онҳо мерос монд, ки тавонистанд сараввал аз он хирадмандона истифода кунанд (албатта, бо сарварии эрониён, яъне, ки мо). Замони Аббосиён эҳёи мероси хирадмандони Эрону Юнон буд, ки намояндагони мустабиди оини насронӣ замони ҳукмронии охирин императорони Рум натавонистанд то ба охир онро маҳв созанд. Имрӯз аврупоиён бояд миннатдор аз он бошанд, ки мероси фарҳангиву маънавии юнониён, ки тамаддуни Юнон "сардафтар"-и тамаддуни Аврупо маҳсуб мегардад, маҳз бо кӯшиши мусалмонон ба боди фано нарафтааст, ба дасти онҳо ин мероси бебаҳо аз тарҷумаҳои арабиву форсӣ расидааст. Испанияи мусалмонӣ (Андалус, Қурдоба (Кордова), Гранада ва ғ.) тайи анқариб 8 қарн шамъи илму маърифатро дар қитъа равшан мекард, ки олимону мутафаккирони аврупоӣ аз дасти попҳои ҷоҳил гурехта ба ин ҷо меомаданд ва пайи илму дониш дар мадорисе чун Алгамбра мешуданд. Аммо баъд дунёи Исломро  мунокишаҳои мазҳабиву хурофотӣ дар панҷаи қавии худ қарор доданд ва ба зулмоти ҷаҳолат раҳнамун сохтанд. Ва дар ҳамин зиндони ҷаҳолат низ чун сарвҳои зери тундбод монда абармардони бузурги илму маърифат тавлид мешуданд, ки бо шамъи дасти хеш роҳи насли ояндаро равшан месохтанд. Бар иззати нафси дигар миллатҳо нарасад, бояд махсусан қайд кард, ки анқариб ҳамаи ин бузургон намояндагони Дунёи Эронӣ буданд. Ин дар мавриди онест, ки низоми ҷаҳонбинии миллатҳо ва фалсафаи ирсӣ ба ҳастии онҳо чӣ гуна нақш мегузорад ва мо пештар гуфтем.

Ҳангоме, ки чанд сол қабл Сарвари кишвари мо оид ба ҷашнгирии Соли тамаддуни Ориёӣ ҳарф зада буд, дар бархе аз кишварҳо, махсусан ҳамсояҳои наздики мо ин як ҳиссиёти ногуворро ба миён овард. Чун мафҳуми "ориёӣ" тавассути "хидмати хирсона"-и оғои Адолф Ҳитлер бисёр шакли манфиро миёнаи қарни 20 гирифт ва ҳammaънои вожаҳои "инсонбадбинӣ"-ву "нажодпарастӣ" низ гашт. Вале Президенти ҷумҳурии мо таъкид бар он дошт, ки ҷашнгирии ин Соли фархунда эҳтиром гузоштан ба ақвоме мебошад, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ нақши бузург доштаву дигарон низ аз он баҳра бардоштаанд.

**Пас, ирсияти аслии мо тамаддунофариву инсонсолорӣ ва бунёдкорӣ аст:**

***1. Ориёиҳо аввалин зироаткор буданд.***
***2. Аввалин маротиба ҳайвонотро хонагӣ карданд.***
***3. Аввалин давлат ва шаҳрҳоро сохтанд.***
***4. Асосгузори аввалин давлати бузурги мутамарказ (империя)- Ҳахоманишиёни Бузург бо аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар, эҳтирому арҷ гузоштан ба фарҳангу ақоиди динӣ ва урфу одати милали зердаст буданд.***
***5. Соҳиби Китоб ("Авасто") ва Паямбари хеш (Зардушт) буданд.***
***6. Оини ҷаҳонии Буддоро рӯйи кор оварданд.***
***7. Шоҳасарҳое, чун "Авасто" (ки таъсираш ба дигар китобҳои муқаддаси динҳои ҷаҳонӣ расида), "Ригведа", "Маҳабҳарата", "Рамаяна", "Шоҳнома"-и Бузург ва амсоли инро ба инсоният туҳфа карданд.***
***8. Асоси улуми ҷаҳониро поягузор буданд ва "муаллим"-и дигар ақвом маҳсуб мегарданд.***



Тааҷҷубовар нест, ки баъд аз тасхири дини нав низ миллатҳои эронинажод аз бузургони ин оин (ислом) шуданду дар "сархат"-и он қарор гирифтанд. Имрӯз анқариб 900 миллион суннимазҳабон аз "артиш"-и 1,5 миллиарднафараи мусалмонони ҷаҳонро пайравони ҳаммиллати бузурги мо- Имоми Аъзам Абӯҳанифа ташкил медиҳад. Муҳаддисони бузурги олами Ислом Муҳаммад Имом ал-Бухорӣ, Абу Довуд, Муслим, Имом ат-Тирмизӣ, дигар бузургони дину мазҳаб анқариб аз миллати мо руҷӯъ кардаанд. Пештар дар дигар матлабҳоям гуфта будам ва ҳоло такрор хоҳам кард, ки агар ба таҳкурсии дини мубини Ислом дар нимҷазираи Араб бунёд гузошта шуда бошад, пас бинои муҳташами Тамаддуни Исломиро асосан милали эронинажод рӯйи кор овардаанд. Ин ҳақиқат аст, ҷанобоне, ки рашку бадбинӣ ба ин миллати кӯҳанбунёд доред, ҳақиқати талх барои шумо. Ва сад "заҳмат накашем", "из"-и ориёиро аз ин муваффақиятҳо натавон зудуд, чун такя бар ирсияту ҷаҳонбинии гузаштагон дорад. Аз ин набояд шарм дошт, ин як раванди табиии тамаддунист. Масалан, барои чӣ аз ақвоми сершумори туркзабон ва аъроб олимону бузургон ва намояндагони аҳлу адаб ва фарҳангу адабиёти оламшумул кам андар кам ҳастанд ва ё умуман анқариб руҷӯъ накардаанд (ҳамонҳое, ки буданд, низ зери таъсири милали эронинажод қарор доштанд, масалан, Навоӣ-шогирди Абдураҳмони Ҷомии бузург ва бисёр мисолҳои дигар)? Чун пештар гуфтем, таъсири ҷаҳонбинӣ ва фалсафаи зиндагии гузаштагон аст **- эронӣ - ориёӣ - шаҳрнишин-тамаддунофар ва турку аъроб-бодиянишин-фарҳангсӯз.** Хушбахтона, ҷаҳони бодия натавонист фарҳанги шаҳрнишиниро маҳв созад ва тадриҷан зери таъсири фарҳанг ва ҷаҳонбинии шаҳрдории ориёӣ "дармонд", вагарна имрӯз мо миёни чорогоҳҳои бузург ҳоли табоҳе доштем...

**Новобаста аз оне, ки гузаштагони мо замоне таҳти тохтутози аҷнабиён дармонданд ва маҷбур гардиданд ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги онҳоро низ таҳаммул ва мавриди истифода қарор бидиҳанд, ба зеҳнияти ирсии тамаддунсози ориёии онҳо бояд ҳамду сано хонд ва ифтихор дошт. Дар вазъи тағйирёфта онҳо тавонистанд ба "элита"-и сиёсӣ ва иқтисодиву зеҳнии сохтори нав табдил ёбанд.**

# г асоси
# ндагии мост

## ки "мо кӣ будему чӣ шудем"



Ин "трансформатсия" натиҷаи ҳамон ирсияти ориёӣ ва ҷаҳонбинии созандаи гузаштагон буд, ки дар вазъи бааммаломада мададӣ хубе шуд. Аллакай аввали қарни 9 донишмандони тоҷик дар манотиқи Ховари Наздик ва Миёна худро шуҳратёр карданд. Ситорашинос, риёзидон ва ҷуғрофидони тоҷик ал-Фарғонӣ ба таври кушод куррашакл будани Заминро эътироф мекард. Берунӣ низ ба ҳамин минвол. Ҳамтоёни онҳо -олимони тоҷик Абдулмалик ал-Марвррудӣ ва Алӣ ибни Астурлабӣ, ки дар расадхонаи халифа Маъмун (813-833) фаъолият доштанд, аввалин маротиба дар Шарқ дарозии меҳвари Заминро бо аниқияти наздик ба илми муосир муайян намуданд! Ин амал соли 827 дар минтақаи миёни Палмира ва Ракка назди соҳилҳои Фурот ва водии Месопотамияи Боло, наздики шаҳри Санҷар (манотиқе, ки имрӯз бархӯрдҳои мусаллаҳона алайҳи террористони "Давлати Исломӣ" сурат мегиранд), роҳандозӣ карда шуд. Ин таҷриба аз ҳисобкунии юнонӣ ба куллӣ фарқ дошт ва дар таҷрибаи ҷаҳонӣ баъд аз Эратосфену Птолемей саввумин кӯшиши бомуваффақи ченкунии меҳвари Замин буд. Бо муайянкунии ҳисоби арз -19 фарсах (7 мили арабӣ) масоҳати даври Замин 47325 километрро нишон дод, ки такя ба шароити он замон ҳисобкунии хеле аниқ аст. Дар ин бора дар асари кайҳоншиносии муаллифи номаълум "Аҷоиб-ул-Арз" нигошта шудааст.

Пас чаро мо, бо ин зеҳнияти ирсӣ имрӯз дар "ақибгоҳ"-и рушди ҷаҳон қарор гирифтаем? Сабаб дар чист? Ё ҷомеаи мо аз ҳад зиёд "суннатист", иллат дар ин ҷост? Имрӯз Чини муваффақ бо ҳамаи ҳамин пешрафти технологиаш метавон ҷасурона гуфт, ки ҷомеаи конфутсиавӣ ва дар чорчӯби ҷаҳонбинии даосизм аст. Дар масоили ҳурмат кардани волидону гузаштагону ҳокимон, муносибат ба кор ва аъзои ҷомеа ва амсоли ин қонуниятҳои фалсафа ва ҷаҳонбинии Конфутсийи ва Лао-Тсиву дигар бузургон. Ҷопоне, ки имрӯз аз рӯйи рушди технология ва рушди ҷомеаи инсонӣ мамолики мусалмоннишинро садсолаҳо паси худ гузоштааст, аз ҷаҳонбинии синтоистӣ канда нашуда, балки такя бар он мекунад. Дар авохири қарни 20 дар кишвари мо "бузургон"-и ришашон шонанадида пайдо шуданд, ки китобҳои кимиёву физика ва умуман, мутолиаи китобҳои илмиро "ҳаром" эълон карданд, ба ҷуз китобҳои динӣ ва "нон"-и омӯзгоронро низ "ҳаром"-у онҳоро ба ҷаноза нолоиқ. Бадбахтӣ ин аст, ки бархе аз ҳамватанони мо инҳоро аз "бузургон"-и хеш донистанд ва онҳоро ҷонибдорӣ низ карданд, ки оқибат онҳову моро низ ба вартаи ҳалокат кашид!!! Яъне, нишонаи олии манқуртизм ва бегонапарастӣ, пойбанди хурофоти аҷнабӣ (кӯчӣ,бадавӣ) будан дар авохири қарне, ки атом пора шудаву кайҳон зери султаи инсоният даромад, дар сарзамини куҳанбуёди мо баръало ошкор гардид, ки мӯҷиби шармандагии мост! Ин дар замоне, ки писарбачаи 12-солаи ҷопонӣ роботи навбатии худро месохт… Пас, иллат шояд дар мазҳабӣ будани ҷомеаи мост?

**Ҳангоме ки аъроб қарни 8 милодӣ Эронро тасхир намуданд, як гурӯҳи зардуштиён китобҳои муқаддаси оини хеш-Авастои Бузург ва дигар осори хориқулодаи ниёгонро гирифта ба Ҳиндустон ҳиҷрат намуданд. Онҳо дар сарзамине маскун шуданд, ки имрӯз ҳудуди штатҳои Махараштра ва Гуҷароти Ҳиндустонро ташкил медиҳад. Ҳоло ду сеяки порсҳо дар Мумбай (собиқ Бомбай)-пойтахти молиявӣ ва тиҷоратии кишвар иқомат доранд. Ҳиссаи умумии порсҳо дар қиёс бо аҳолии Ҳиндустон ночиз аст-онҳо ҳамагӣ 70 ҳазор нафар, яъне 0,0069% аз ҳисоби умумиро ташкил медиҳанд. Аммо таъсири онҳо дар ҳаёти кишвар ҳайратовар аст! Онҳо дар ҳар як соҳаи ин кишвари куҳанбунёд саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Порсҳо аввалин ҳизби сиёсӣ, аввалин биржаи тиҷоратӣ,**




**аввалин коргоҳи металлургӣ, донишгоҳ, дармонгоҳ, рӯзнома, мошини чопкунӣ ва студияи синаморо рӯйи кор оварданд. Яке аз чеҳраҳои шинохтаи саноати кишвар порс Ҷамшедҷи Тато (Тата) аст, ки аввалин корхонаи маъдангудозиро сохта, асосгузори Донишкадаи улум дар Бангалор буд. Ӯ ҳамчунин асосгузори саноати автомобилсозии Ҳиндустон буда, пайвандонаш Ҷаҳонгир Тато-асосгузори ширкати миллии ҳавопаймоии "Air India" ва Ратан Тато- сарвари гурӯҳи саноатии "Тато" ҳастанд, ки ба наздикӣ ширкати "Steel Corus" ва ширкатҳои маъруфи автомобилсозии "Rover" ва "Jaguar"-ро харидорӣ намуд. Гурӯҳи саноатии "Тато" аз ширкатҳои маъруфи кишвар ҳаст, ки даромади солонааш зиёда аз 30 миллиард доллар мебошад. Ширкати саноатии маъруфтарини Ҳиндустон "Godrej", ки ба истеҳсоли собун, таҷҳизоти маишӣ ва офисӣ машғул аст, моли порсҳост. Оилаи Вадиҳо, ки порс ҳастанд, аз асосгузорони саноати киштисозии кишваранд (250 сол пеш) ва ҳоло бузургтарин коргоҳи киштисозии кишварро дар даст доранд. Мубаризони маъруфи озодии кишвар аз англисҳо Дадабхой Наруҷӣ, Бхайкоҷӣ Камо ва Фирузшоҳ Миҳто порс буданд. Наруҷӣ аз асосгузорони ҳизби Конгресси Миллии Ҳиндустон аст. Дар соҳаи илм исми асосгузори барномаи ҳастаии Ҳиндустон Ҳомӣ Ҷаҳонгир Бҳабҳоро овардан ин ҷо ҷойиз аст. Порси дигар-Ҳомӣ Сетна аввалин озмоиши бомбаи ҳастаии кишварро соли 1974 роҳбарӣ кардааст. Порсҳои маъруфи дигарин маршал Сэм Мейнкшоу аст, ки соли 1971 артиши кишварро дар ҷанг алайҳи Покистон сарварӣ намуд ва натиҷааш ташкили давлати Бангладеш буд, ҳуқуқшиносони маъруф Нани Палкхивала, Фоли Наримон ва Соли Суробҷӣ, оҳангсози маъруф Зубин Меҳто ва овозхони маъруфе, ки маликаи Британияи Кабир Елизаветаи 2 ба ӯ унвони "Рыцарь" (бузургтарин ҷоизаи ҷавонмардӣ) додааст-сарвари гурӯҳи овозадори овозхонии рок- "Queen" Фредди Меркьюри (Фаррух Булсаро, яке аз овозхонҳои маҳбули ман) ҳастанд. Чунин порсҳо зиёданд. Имрӯз порсҳо бо нишондоди 98% соҳибмаълумоттарин ҷамоаи Ҳиндустон ҳастанд. То ҳол таҳлилгарону коршиносон "сир"-и муваффақият, ба истилоҳ "феномен"-и порсҳоро фаҳмонида наметавонанд. Ҷасорат карда мегӯям, ки сири онҳо дар ирсияташон аст, чун анъаноти аҷдодии ориёии Зардуштиро ҳифз кардаву Авастои Бузургро сармашқи кори худ қарор доданд. Яъне, принсипи ҳаётии гузаштагони бузурги мо- "Гуфтори нек, кирдори нек, пиндори нек" ба таври дурахшон ва хеле гӯё исботи муваффақият ба баёнгари хиради аҷдодонамон аст!!! "Порсҳо" ҳамон форсҳои ба истилоҳ "оригинал" ҳастанд, ки гӯшт аз гӯшт, пӯст аз пӯсти мо ҳастанд. Пайваста аз "феномени яҳудӣ" ҳарф заданро дӯст медоранд, ки ҳамагӣ бо 16-18 миллион нуфус дар ин дунёи зиёда аз 7 миллиард инсон дошта ин қадар таъсир доранд ва ин мӯҷиби ҳайрат шуда. Аммо аз "феномен"-и порсҳо, ки бо вуҷуди ҳамагӣ 70-100 ҳазор (!!!) будан дар Ҳиндустони зиёда аз 1,2 миллиард аҳолӣ дошта ва умуман дар ҷаҳони муосир чӣ гуна таъсир доранду элита ҳастанд ва чӣ гуна баҳри пешрафти олам ҳисса гузоштанд, касе қариб ҳарф намезанад. Барои ман "феномени порсӣ" аз "феномени яҳудӣ" бамаротиб болотар аст ва ин маро фараҳбахш мекунад. Ва ман аввалин фарде ҳастам, ки оид ба ин феномени ҳайратовар на танҳо сухан, балки фарёд хоҳам зад тариқи ҳафтанома- бубинед порсҳоро ва ибрат бигиред!!! Ба ман назар ба Усомаи ҳиҷозӣ ва Амри яманӣ порсҳои Мумбай аз ҷиҳати хунӣ наздиктаранд, ҳарчанд ки оини ман бо ин ҳиҷозиву яманӣ якест. Барои ман ҳеҷ гоҳ порсҳо бегона набуданду нестанд ва нахоҳанд шуд ва ман ифтихор аз муваффақиятҳои онҳо дорам, чун онҳоро ҷузъи худ медонам ва дар ҳақиқат ин чунин ҳам ҳаст.**

Имрӯз дар ҷомеаи навини мо, дар қарни 21, ки илми инсонӣ кайҳонро тахти тасарруфи хеш қарор дода, ба баландиҳои нав ба нав, тоза ба тоза мерасад, оби таҳорати як мӯйсафеди барҷомондаро нӯшидани як идда ҳамватанон бо иддаои "муқаддас" будани он як фоҷиа ва бадбахтии миллист, ки моро хандахариши дигарон намуда. Ё сӯзонидани Фархундаву Рухшонаҳо дар кишвари ҷаҳолатзадаи ҳамсоя нишона аз хурофотпарастии мост, ки мутаассифона, теша бар решаи миллат задааст. Ва агар мо хурофотро решакан накунем, он моро решакан хоҳад кард ва моро бардагӣ дар ин ҷаҳон интизор аст. Пас, биёед, хонандагони азиз, пайи ин иқдом камари ҳиммат бубандем ва панҷа ба воқеият бизанем, ки инсониятро ба қуллаҳои баланд баровардa. Дини мубини Ислом ва Қуръони Азимушшаън моҳияти андӯхтани илму донишро сареҳатан баён карда, хурофотро аз ширкиёт донистаанд, ақаллан муқаддасоти диниро арҷ гузорем, гарчанде, мутаассифона, боварҳои динӣ бо хурофот махлут шудаанд ва ин имрӯз ба амал наомада, сарогоз чунин будааст…

**Азамат ДӮСТОВ**

Минбари халқ
25 ноябри соли 2015,
№48 (1027)

## ОБАМА ГУАНТАНАМОРО БАСТАН МЕХОҲАД, ВАЛЕ...

Президенти ИМА Барак Обама аз нияти хеш- барҳам задани маҳбаси машҳури Америка Гуантанамо, ки дар Куба мебошад, даст кашиданӣ нест. Ёдовар мешавем, ки ҳанӯз 7 сол муқаддам Обама ният дошт, ки дар дуввумин рӯзи ба курсии президентӣ нишастанаш ин маҳбасро мебандад. Вале ҳар бор, ки ӯ ин нияти худро ба ҷо овардани мешавад, Конгресс бо назардошти ҷой надодани террористони маҳбусшуда дар ҳудуди Америка ба муқобили ин кӯшиши президент овоз медиҳад.

Ҳарчанд аъзои Конгреси Америка имрӯз низ мақсади пофишорӣ дар масъалаи боз доштани ин маҳбас ҳастанд, Обама дар шахсияти рақиби худ дар интихоботи президентии ин кишвар дар соли 2008 сенатор Ҷон Маккейн ҷиҳати амалӣ кардани ин нияти худ ҳамовози қавие дорад. Маъмурияти ИМА ба Конгресс



нақшаи ба маҳбасхонаҳои штатҳои Каролинаи Ҷанубӣ, Колорадо ва Канзас кӯчонидани маҳбусони сиёсии Гуантанаморо пешниҳод намудааст, вале вакилони ҳизби ҷумҳуриятхоҳи музофотҳои номбурда қотеона зидди ин ният овоз медиҳанд.

Ёдовар мешавем, ки маҳбасхонаи Гуантанамо соли 2002 таъсис дода шуда, дар он то 780 нафар маҳбусони сиёсӣ, ки қисми асосии онҳо дар набардҳои нерӯҳои НАТО дар Афғонистон боздошт шуда буданд, нигоҳдорӣ мешуданд. Имрӯз теъдоди маҳбусони маскани Гуантанамо 112 нафарро ташкил дода, маъмурияти Америка бо кишварҳое, ки сокинонаш дар ин маҳбас зиндонианд, ҷиҳати ба зодгоҳашон истирдод кардани онҳо гуфтушунид мекунад. Дар ҳоле, ки дар Америка мақомоти қонунбарор зидди ин амали президент овоз медиҳад, гурӯҳи афсарони бознишастаи Америка тавассути нома аз президент тақозо кардаанд, ки ин маҳбас бастаю асирон ба маҳбасхонаҳои дохили кишвар оварда шаванд. Онҳо далели хавф доштани маҳбусони сиёсии Гуантанаморо як баҳонаи беасос маънидод карда, далел меоваранд, ки имрӯз дар маҳбасҳои кишвар садҳо террорист нигоҳдорӣ мешаванду ҳоло нашудааст, ки касе аз ин маҳбусҳо фирор карда бошад.

## КОНГРЕССИ АМЕРИКА ГУРЕЗАГОНИ СУРИЯРО ДИДАН НАМЕХОҲАД

Ин дар ҳолест, ки Президети ИМА Барак Обама ба қарори қабулнамудаи ин мақоми қонунбарори кишвараш вето гузоштанист.

Агар аъзои Конгресс аз ҳизби ҷумхуриявӣ ба қарори қабул намудаи Барак Обама оид ба бастани маҳбаси Гуантанамо муқобилияти шадид нишон дода бошанд, конгрессменҳо - аъзои ҳизби демократии Америка муқобили дар ҳудуди кишвар роҳ додани гурезагони Сурия ва Ироқи ҷангзада мебошанд. Зимни овоздиҳӣ дар муҳокимаи ин масъала 289 нафар муқобили қарори президент овоз доданд. Ин тасмими Обамаро ҳамагӣ 137 аъзои Конгресс



ҷонибдорӣ карду халос. Ҳарчанд, ки Президенти мамлакат оид ба ин масъала сахт истодагарӣ карданӣ аст, ба гумон аст, ки сенаторон аз раъйи худ гарданд. Ҳодисаҳои хунине, ки ба наздики дар кӯчаҳои Париж рух дод, метавонад, дар Ню-Йорк, Чикаго, Хюстон ё Лос - Анҷелес ба амал ояд. Ҳамчуноне аз хулосаи матбуот бармеояд, губернаторони 31 штат бари дар ҳудуди кишвар роҳ надодани гурезагон овоз доданд, ҳол он ки мувофиқи конунгузории Америка онҳо ба ин ҳуқуқ надоштанд. Масъалаи роҳ додан ё надодани гурезагон кишварҳои дучори ҷанг яке аз мавзӯъҳои калидии маъракаи пешазинтихоботӣ дар ИМА маҳсуб мешавад.

### ҶАҲОНИЁН АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТИРО МАҲКУМ МЕКУНАНД

# ФАҚРУ БЕНАВОӢ ҶИНОЯТРО ТАВЛИД МЕКУНАД

**Амалҳои террористие, ки ҳафтҳои ахир дар пойтахти Франсия, Мали ва нуқтаҳои дигари сайёра ба амал омад, аз ҷониби кулли ҷаҳониён мавриди нигаронии шадид қарор мегирад.**

Чун дар бораи ҳаводиси хунини Париж навишта будем, ҳамин қадар илова мекунем, ки бо гузашти як ҳафта боз як амали террористӣ дар саросари ҷаҳон расонаӣ шуд. Дар пойтахти кишвари Мали гурӯҳи террористҳо савори нақлиёте, ки рақамҳои дипломатӣ доштааст, бемамониат то даромадгоҳи меҳмонхона расида, дар ҳуҷраҳои он 170 нафарро ба гарав гирифтанд. Бар асари ин амали зишт 25 нафар зарар диданд, ки 6 нафари онҳо сокини Русия, 3 нафар хитой, ду



нафар аз Белгия ва боқимонда шаҳрвандони Сенегалу ИМА буданд.

Ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои дучори низоъ, минҷумла Афғонистону Ироқ Сурияву кишварҳои қитъаи Африқову Осиё рӯз дар миён нерӯҳои сияҳкор даст ба амали тахрибкорӣ мезананд.

Овозаҳои ҳуҷум ба ин ё он шаҳру мамлакат шаҳрвандони давлатҳои мухталифро дар тарсу ҳарос нигоҳ медорад. Аксар кишварҳои олам ҷиҳати пешгирӣ аз чунин амалҳои номатлуб чораҳои амниятиро қавитар месозанд. Дар чунин лаҳзаҳои барои ҷаҳониён ҳассос чунин ба назар мерасад, ки сокинони кишварҳои мухталиф ҷиҳати муттаҳидӣ муқобили терроризм садо баланд карда, решакан намудани ин зуҳуроти номатлуби ҷомеаро ҷиҳати зиндагии амну осоишта асоси кор меҳисобанд. Аксарият бар онанд, ки чунин иқдом набояд ҳарфи хушку холӣ, балки амали воқеӣ бошад.

Ба ҷо овардани тадбирҳои амалӣ ташаббуси дастаҷамъонаро тақозо дорад. Дар он кишваре, ки сулҳу осоиш поянда нест, ҳаёти иҷтимоӣ дар зинаҳои пасттарин қарор дошта, дар бештари ҳолат амалкарди олами ҷиноӣ бе ҷазо боқӣ мемонад. Ва табиист, ки дар чунин кишварҳо вазъи некӯаҳволии сокинон аз назарҳо дур монда аксари сокинон дар фақру бенавоӣ умр ба сар мебаранд. Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар саммити СММ оид ба мавзӯи "Ҳавасмандгардонии раванди татбиқи амалӣ ва дастёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи об" махсус таъкид намуд, ки имрӯз дар ҷаҳон тақрибан 750 миллион одамон ба оби тозаи ошомиданӣ ва дуюним миллиард одамон ба шароити асосии беҳдошт дастрасӣ надоранд. Тақрибан як миллиарду сесад миллион одамон аз барқ маҳруманд. Ба ҳисоби миёна ҳар сол офатҳои табиии марбут ба об ба андозаи зиёда аз 60 миллиард доллари амрикоӣ ҳисороти иқтисодӣ ворид сохта, хушксолӣ ва биёбоншавӣ манбаи воситаҳои зиндагии зиёда аз як миллиарду дусад миллион одамро дар тамоми ҷаҳон зери хавфу хатар қарор медиҳанд.

Ба ин равандҳо тағйирёбии глобалии иқлим ба вазъи демографӣ, бешубҳа, таъсири ҷиддӣ мерасонад. Мувофиқи арзёбии коршиносон то соли 2050 аҳолии сайёра зиёда аз 9 миллиардро ташкил дода, ин ба афзоиши мутаносиби истеъмоли об боис мегардад.

Интизор меравад, ки ба иллати таъсири тағйирёбии иқлим дар ин давра аллакай зиёда аз 50 фоизи аҳолии сайёра ба мушкилии норасоии оби ошомиданӣ дучор меояд.

Чунин вазъ аз ҷомеаи байналмилалӣ талошҳои ҳарчи бештари дастаҷамъона ва андешидани тадбирҳои фаврӣ ва дарозмуҳлатро оид ба ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда тақозо дорад.

### САД ҚАДАМИ НАЗАРБОЕВ

Қатори дигар сарони кишварҳо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев низ аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ба ҳалли ин масъала дахл карда, баробари пешниҳоди роҳҳои рушди иқтисодиёти сатҳи минтақавию байналмилалӣ таъсиси шабакаи воҳиди ҷаҳониро муқобили терроризм ва экстремизми байналмилалӣ тақозо кардааст. Ба ифодаи номбурда терроризм душманест, ки мушаххасан рӯҳу тасвир надорад. Амали ин гурӯҳҳои ифротӣ набарде мебошад, ки хати муайяни ҷабҳа надорад. Ва ин барои ҷаҳони имрӯза хатарзо аст.

Як нуктаи муҳими ин пешниҳод ин аст, ки бояд мушкилоти иқтисодии ҷаҳон ҳалли худро пайдо карда тавонад. Президенти Қазоқистон бар ин назар аст, ки маҳз мушкилоти иқтисодӣ дар аксари ҳолат ҷанбаҳои манфиро, аз ҷумла терроризмро эҷод мекунад. Ва пешгирии ин масъалаи ҳалталаби рӯз иқдоми дастаҷамъона ва системавиро тақозо мекунад.

Мавриди зикр мебошад, ки идеяи нақшаи зиддибуҳронии Президенти Қазоқистон аз ҷониби коршиносони ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Ҷаҳон ба қоидаҳои нави зиндагӣ эҳтиёҷ дорад. Усулҳои нави таъсиррасон ва роҳҳои пешгирии буҳрони ҷаҳониро сарвари кишвари Қазоқистон дар танзими системаи иқтисоди ҷаҳонӣ мебинад. Мебояд шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид аз назария ба фаъолияти амалӣ гузашта, дар саросари ҷаҳон бо кори пурсамари хеш ҷиҳати танзими иқтисоди ҷаҳонӣ саҳми назаррасу беғаразро молик бошад.

Чунин пешниҳод то кадом андоза дастгирӣ ва амалӣ мешавад, ҷавоби вақтро тақозо дорад, аммо мусаллам аст, ки дар сурати хоҳиши пойдор гардонидани амну осоиш ҳама амал иҷро шуданист. Маҳз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Қазоқистон буд, ки ин кишвар нахустин шуда аз дороии яроқи ҳастаӣ даст кашид ва нисбати истифодаи яроқи ҳастаи мораторий эълон кард. Имрӯз президенти Қазоқистон пешинҳод мекунад, ки ин таҷриба дар Ховари Миёна, ки таҳдидгари асосии сулҳи ҷаҳонӣ аз он ҷост роҳандозӣ карда шавад. Дар он ҷое, ки низою хунрезист, муҳоҷирати беназорат, фақру бенавоӣ ва аз ҳама бадтар терроризм ва даҳшатро ба бор меоварад.

Агар ҷои яроқнокшавии бошитобро пешбурдаи иқтисоди миллӣ иваз карда метавонист, сатҳи зиндагии сокинон беҳ ва фақру бенавоӣ костатар мегардид, андеша дорад, сарвари Қазоқистон.

Ин кишвар дар ҳоли ҳозир намунаи ибрате барои дигарон аст. Аз буҳрони солҳои 2008-2009 бо камтарин талафот берун омада, дар пешорӯи буҳрони ҷадид аллакай нақшаи зиддибуҳрониро таҳия ва роҳандозӣ кардааст. Барномаи "Сад қадами мушаххас"-и президенти Қазоқистон барои ҳалли буҳрон на танҳо дар бархе аз кишварҳо, балки дар тамоми ҷаҳон натиҷаи мусбат ба бор оварда истодааст . Коршиносони бисёре аз кишварҳо нияти амалисозии чунин барномаро дар кишварҳои мухталиф доранд.

Лоиҳаи "New Future" таъмини энергияи обӣ ва озуқаворио дар бар мегирад, ки Нурсултон Назарбоев дар Қазоқистон роҳандозӣ кардаст. Ва акнун умед дорад, ки якҷоя бо ҳамкасбони худ аз дигар давлатҳо то сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ созад.

Мавқеи Остона дар рейтинги ҷаҳонӣ ҳамасола боло рафта, Қазоқистон имрӯз на он кишварест, ки 25 сол қабл буд. Бо дастовардҳои нав ба нав мақомоти Қазоқистон думболи нақшаҳои нав аст. Роҳбарияти ин кишвар назди худ ният гузоштааст, ки то соли 2050 ба қатори 30 кишварҳои мутараққии ҷаҳон шомил гарданд. Ин ният замоне амалӣ шуда метавонад, ки дар кишвар ва минтақа сулҳи комил ҳукмфармо бошаду сокинон бо меҳнати пурсамари худ баҳри ободии ин гӯшаи сайёра сидқан меҳнат кунанд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

Бояд донист

**Заминларза яке аз ҳодисаҳои даҳшатнок ва харобиовари табиат аст.**



# ҶОЙҲОИ БЕХАВФ ДАР ВАҚТИ ЗИЛЗИЛА

**Фаромӯш накунед, шумо дар ин ҳолат ҳамагӣ 10 ё 15-20 сония вақт доред**

Аз он ки дар давоми 30 рӯзи охир Тоҷикистон ду маротиба аз шиддати заминларза такон хӯрд, кас ба андеша фурӯ меравад.

Заминларзаи аввал, ки 26 октябр ба вуқӯъ пайваст, ҳарчанд дар пай талафоти ҷонӣ надошт, аммо хисорот боқӣ гузошт. Бино ба иттилои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҷумҳурӣ бар асари заминларза дар ноҳияҳои Ишкошим ва Роштқалъа, ки ба маркази зилзила- Афғонистон наздиканд, чанд хона хароб шуд ва чанди дигар дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Дар Афғонистону Покистон бошад, аз ин заминларза тақрибан 300 нафар ҳалок шуданд.

Мувофиқи маълумоти Маркази зилзилашиносии Тоҷикистон соати 23:17-дақиқаи шаби 22 ноябр заминларзаи 2-3 балли Рихтер қаламрави кишварро дуюмбора ларзонд. Шиддати зилзила дар марказаш дар 327-километрии ҷанубу шарқи Душанбе, дар ҳудуди Афғонистон ба 5 балл баробар будааст.

Дар бораи ҳолати равонии шаҳрвандон ва тарси онҳо аз ин ҳодисаи табиӣ дар матбуот матолиби гуногун ба нашр расидаанд. Акнун он тарсҳо дур шудаанд ва мардум зиндагии муқаррариашонро идома медиҳанд.

Зилзилашиносон шиддати заминларзаро аз рӯи 12 балл баҳогузорӣ мекунанд. Ба андешаи онҳо зилзилаи шиддаташ 1-3 балл зилзилаи суст, дар 4-5 балл онро ҳис кардан мумкин аст, аммо дар 6-7 балл замин сахт такон мехӯрад, зилзилаи 8-10 балл дар пай хисорот дорад, агар шиддати заминларза ба 11-12 балл расад, он фалокатовар хоҳад буд.

Дар вақти зилзила инсон мекӯшад, ки барои бехатарии худу ҳамроҳон ва аҳли байташ чораҳои зарурӣ андешад. Барои онҳое, ки дар минтақаи серзилзила зиндагӣ мекунанд, донистани чораҳои эҳтиётӣ дар вақти ин ҳодисаи табиӣ бисёр муҳим ва зарур аст.

Дар воқеъ, дар вақти заминларза дар куҷо пинҳон шуд ва ё худу наздиконро чӣ гуна аз хатари он нигоҳ дошт?

Лоиҳакашҳо мегӯянд, ки ҳангоми кашидани тарҳи бино ба ҳодисаҳои фавқулодда, мисли заминларза ва сӯхтор эътибор медиҳанд. Ба маскунини бино бояд нақшаи паноҳ бурдан аз ин ҳолатҳо омӯзонида шавад, то ин ки онҳо дар ҳолати вуқӯи ҳодиса худро гум накунанд ва чораҳои амниятиро андешанд.

Аз хотир набароред, агар хоҳед, ки аз тарс раҳо ёбед, худро дар вақти заминларза ва баъди он дар ҳолате тасаввур кунед, ки пеш аз ҳодиса доштед.

## ЧОРАҲОИ ҲИФЗИ АҲОЛӢ ДАР ҲОЛАТИ ХАВФИ ЗАМИНЛАРЗА

Агар ҷунбидани биноро ҳис кардед, дидед, ки қандилҳо алвонҷ мехӯранд, ашёҳо меафтанд, ғалоғула ва садои бонги хатарро мешунавед, ба овозаҳо роҳ надиҳед.

Агар шумо дар ошёнаи 2 ё 3 бино қарор дошта бошед, зуд онро бо эҳтиёт тарк кунед. Аз рӯи имконият бо худ ҳуҷҷатҳо, пул, ашёи аввалиндараҷа ва чароғакро гиред. Дар вақти ҳаракат аз ашёи афтанда, ноқилҳои баркӣ ва дигар манбаъҳои хавфнок худро эҳтиёт кунед.

Аз назди бино зуд ба ҷойи кушод равед, худро ором гиред ва кӯшиш кунед, ки дигарон низ ором бошанд.

Ҳангоми дар ошёнаҳои боло будан, аз лифт истифода набаред, фақат тавассути зинапоя фаромадан тавсия дода мешавад. Агар зинапоя аз одамон пур бошад, беҳтараш дар ҷоятон қарор гиред.

Пешакӣ дари баромаданро кушоед, ки дар оянда мумкин аст монеа эҷод кунад.

Зуд дар бино ҷойи нисбатан бехавфро интихоб кунед: дар зери дари девори асосӣ, дар девори асосии маркази бино, пояҳо, кунҷи хонаҳо, дохили ванна, дур аз тиреза, дур аз ашёҳои вазнин ва мебелҳо, ки мумкин аст чаппа шаванд, қарор гиред.

Фаромӯш накунед, шумо ҳамагӣ 10 ё 15-20 сония фурсат доред, то ин ки худро ба ҷои бехавф расонед.

Пеш аз ҳама роҳи нисбатан бехавфи аз бино баромаданро интихоб кард. Ҷои боварибахш одатан баромадгоҳи дари хона аст. Дар хотир доред, агар ҳодиса шабона рух диҳад, роҳравҳо ва дари баромад аз одамон пур мешаванд. Дар ин ҳолат метавон одамонро аз тирезаҳо берун кард, дар сурате, ки онҳо дар ошёнаи якум ҷамъ шуда бошанд.

Фаромӯш набояд кард, ки ҷойҳои шишабандишуда, зери деворҳо, ошёнаҳои болоӣ, дохили лифт ва зинапояҳо ҷойҳои хавфноктарин ба ҳисоб мераванд.

Хомӯш кардани барқ, газ, маҳкам кардани ҷумакҳои обро дар ин ҳолат набояд фаромӯш ва дигаронро низ таъкид бояд кард. Фикр кардан лозим аст, ки чӣ тавр бехатарии кӯдакон, калонсолон ва маъюбонро таъмин карда метавонед.

Ҷиҳози хонаро тавре гузоред, ки устувор бошанд, то ин ки дар ин ҳолат рӯйи фарш нaафтанд .

Бетартиб гузоштани асбобу анҷоми хона дар роҳравҳои назди дар метавонад дар ин ҳолат монеъа эҷод кунад.

Зарфҳои обдор, равған ва сӯзишвориро бояд тавре маҳкам кард, ки ҳангоми ларзиши замин нарезанд . Сарчашмаи афзудани хатар дар бинои истиқоматии шумо коммуникатсияи зеризаминӣ, махсусан қубурҳои оби гарм ва газ маҳсуб мешаванд.

Бо мақсади расонидани ёрии аввалини тиббӣ, пеш аз ҳама шикастабандиро бояд омӯхт. Дар хона ҳамеша қуттии дорувориро нигоҳ доред.

## АГАР ДАР ХОНА БОШЕД...

**n Дар вақти заминларза ба замин дароз кашед ва ҳаракат накунед.**

**n Агар Шумо дар назди мизи корӣ ва ё мизи хӯрокхӯрӣ набошед, пас рӯйи фарш назди девори асосӣ дароз кашида, саратонро бо дастонатон пӯшонед.**

**n Аз назди тиреза, мебел, асбобҳои маишӣ, ки дар дохилашон асбобҳои гаронвазн доранд, худро дур гиред.**

**n Агар дар дохили ҳуҷра бошед, то анҷоми такони замин он ҷойро тарк накунед.**

**n Агар дар рахти хоб бошед, сари худро бо болишт пӯшонед.**

**n Ба даҳлез набароед, оташро фурӯзон накунед, дарро кушода дар зери он истед ва ё дигар ҷойи бехавфро интихоб кунед.**

**n Агар шумо аз аробачаи маъюбӣ истифода мебаред, чархҳояшро маҳкам кунед ва сари худро пӯшонед.**

## АГАР ДАР КӮЧА БОШЕД...

**è Ба ҷойи кушод бароед, агар ин амалро бехатар иҷро карда тавонед. Аз назди ноқилҳои барқ, биноҳо ва дарахтон худро канора гиред.**

**è Агар шумо мошинро идора мекунед, ба канори роҳ баромада онро дар ҷои бехавф нигоҳ доред**

**è Аз ашёҳои хафноке, ки метавонад болои саратон биафтад, эҳтиёт мебояд.**

## БАЪД АЗ АНҶОМИ ЗИЛЗИЛА

**u Ситоди корҳои наҷотдиҳиро дар кӯтоҳтарин фурсат ёфта, худро номнавис кунед.**

**u Ба мардуми дар атрофатон буда таваҷҷуҳ намоед, агар дар миёни онҳо маҷруҳшудагон бошанд, зуд ёрии аввалияро расонед.**

**u Шахсони сахт маҷруҳшударо ба ҷои дигар набаред, ғайр аз он ҳолате, ки ба онҳо марг таҳдид мекунад.**

**u Атрофи худро аз назар гузаронед, худро аз ноқили кандашудаи барқ, хориҷ шудани газ ва бинои осебдида дур гиред.**

**u Агар асбоби оташнишонӣ дар наздатон бошад ва онро истифода бурда тавонед, пас кӯшиш кунед, ки алангаҳои навпайдошудаи сӯхторро хомӯш кунед.**

**u Аз шишамайдаҳо, моддаҳои кимиёӣ, маводи сӯзишворӣ ва дигар моддаҳои хатарнок худро канора гирифта, дар андешаи тарк кардани он ҷо бошед.**

**u Агар дар назди вайронаҳо банд шуда бошед, бинию даҳонатонро бо матоъ ё либосатон пӯшонед, то ин, ки чангро нафас накашед.**

**u Агар дар зери харобаҳо қарор дошта бошед, қубурҳо ва деворҳоро бикӯбед, то ин ки наҷотбахшон шуморо ёбанд.**

## ВА НИҲОЯТ

Вуқӯи ду заминларза лоиҳакашҳо ва сохтмончиёнро ҳушдор медиҳад, ки дар кор ҷиддӣ бошанд. Зеро иштибоҳи эҳтимолӣ ва саросемакорӣ, риоя накардани қойидаҳои сохтмонӣ ба устувории бино таъсир расонида, метавонад дар ин ҳолатҳо ба сокинони он хавфи бештар орад.

Аз ин рӯ, роҳбарони иншооти бунёдшавандаро зарур аст, ки вазъи техникии биноҳоро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд.

**Алӣ ҶӮРА**



Минбари халқ
25 ноябри соли 2015,
№48 (1027)

**Дар солҳои 80-уми асри гузашта коршиносони ширкатҳои пешбар дар мавриди ояндаи телефонҳои мобилӣ чандон хушбин набуданд ва ба рушди ин шабака бо шубҳа менигаристанд.**

# Замони барқи номаҳдуд ва бепул ҳам мерасад?

Аз ҷумла мутахасси сони ширкати McKinsey & Company он вақтҳо таъкид бар он мекарданд, ки ин телефонҳо хеле вазнин буда, батареяҳояшон дер намебарад. Маҳдуд будани минтақаи дастрасии телефонҳои мобилӣ аз дигар камбудиҳои телефонҳои он замон нав мавриди истифода қарор гирифта, дониста мешуд. Дар ҳоле, ки нархи наво ва арзиши хидматрасонии ин телефонҳо хеле баланд буд, вале бо вуҷуди ин дар таъмини алоқаи доимӣ мушкилиҳои зиёде пеш меомад.

Ин коршиносон пешгӯӣ мекарданд, ки бо чунин тарзи кор пас аз 20 сол шумораи истифодабарандагони ин телефонҳо қариб 900 ҳазор нафар хоҳад шуд.

Ба ин далел ба AT&T Inc - яке аз ширкатҳои бузургтарини телекоммуникатсионии Америка пешниҳод карданд, ки аз идомаи фаъолият дар ин соҳа худдорӣ намоянд. Аммо бо гузашти беш аз ду даҳсола маълум гардид, ки McKinsey иштибоҳ кардааст. Соли 2000 аз хидмати ширкатҳои телефонии мобилӣ беш аз 100 миллион нафар истифода мебурданд. Ҳоло бошад, муштариёни чунин ширкатҳо ба миллиардҳо нафар расидааст. Арзиши дастгоҳҳои телефонҳои мобилӣ ба ҳадде арзон шудааст, ки акнун ҳатто одамҳои камбизоат ҳам аз он мехаранд ва истифода мекунанд.

### ҶАҲОН БА ИСТИФОДАИ БЕШТАРИ ЭНЕРГИЯИ ОФТОБ ОМОДА МЕШАВАД

Ҳоло коршиносон ҳарфҳоеро дар бораи энергияи офтоб мезананд, ки дар гузаштаи начандон дур дар мавриди ояндаи телефонҳои мобилӣ мегуфтанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки пас аз даҳсолаҳо таҳқиқ маълум гардидааст, ки энергияи офтоб ҳоло фақат як дарсади заруратҳои инсонро таъмин мекунад. Ба ақидаи ин гурӯҳи коршиносон, энергияи офтобӣ дар ҳоли ҳозир чандон босамар ва боварбахш набуда, таҷҳизоти зарурӣ барои истифодаи он хеле гарон аст. Аз ин сабаб соҳаи саноат наметавонад бидуни маблағгузории ҳукуматӣ барои дарозмуддат фаъол шавад. Вале онҳо иштибоҳ мекунанд. Сарфи назар аз чунин пешгӯиҳои шубҳаовар дар наздиктарин замон рӯзе мерасад, ки истифода аз энергияи офтобӣ мисли телефонҳои мобилӣ дастраси умум мешавад.

Рэй Куртсвейл яке аз соҳибназарони ғарбӣ аст, ки ин мавзӯъро таҳқиқ мекунад. Ӯ мегӯяд, ки дар миқёси ҷаҳон истифодаи энергияи офтобӣ дар 30 соли гузашта ҳар сол ду баробар афзуда ва хароҷот барои дастрасию истифодаи он рӯ ба коҳиш мебошад.

Ба гуфтаи ӯ, боз шаш марҳала, яъне камтар аз 14 соли дигар лозим аст, ки аз нури офтоб истифодаи пурра барои таъмини талаботи энергетикии рӯзмарра сурат гирад. Ин дар ҳоле аст, ки акнун дар ҷомеа истифода аз ин энергия сол ба сол рӯ ба афзоиш мебошад.

Аз рӯи ҳисобҳои Куртсвейл, боз камтар аз 20 соли дигар лозим мешавад, ки манбаъҳои нисбатан арзони дастрасӣ ба энергияи офтобӣ ба ҳадди маъмулӣ дар ихтиёри мардум қарор мегирад. Дар он замон тавассути технологияи нав одамон метавонанд бахшҳои гуногуни зиндагии



худро бештар аз миқдоре, ки лозим аст, бо қувваи барқ ва энергия таъмин кунанд.

Бо вуҷуди ин, ҷомеаи инсонӣ дар он даврон ҳам танҳо аз даҳ як ҳиссаи он нуреро, ки Офтоб ба Замин мепошад, истифода хоҳад бурд.

Дар сарзаминҳое монанди Олмон, Испания, Австралия, Португалия ва қисмати Ҷанубу Ғарби Америка ҳамин ҳоло истеҳсоли энергияи офтобӣ барои истифодаи дохилӣ баробар бо нархи миёнаи шабакаи барқ барои аҳолӣ аст. Ба ибораи дигар, акнун барои сокинони ин минтақаҳо арзиши насби панелҳои офтобӣ барои дарозмуддат гаронтар аз нархи харидани нерӯи барқ аз корхонаҳои коммуналӣ нест.

Танҳо дар панҷ соли охир арзиши панелҳои офтобӣ 75 дарсад арзон шудааст. Нархи ин таҷҳизот дар оянда ҳамзамон бо такмилу беҳтар шудани технологияи тайёр кардан ва васеъ шудани миқёси истеҳсолот боз ҳам арзонтар мешавад

Соли 2020 қариб дар тамоми ҷаҳон энергияи офтобӣ аз рӯи нарх метавонад бо нархи қувваи барқи тавлидшуда дар корхонаҳое, ки бо истифода аз канданиҳои фоиданок барқ истеҳсол мекунанд, баробар шуда, дигар ба ҷалби маблағ ё ёриҳои молии давлат зарурате намемонад. Дар даҳсолаи оянда он арзонтар аз қувваи барқи алтернативии карбогидрид хоҳад буд.

Дар ҷаҳон танҳо истифода аз энергияи офтоб рушд намекунад. Ҳамчунин технологияҳои аз қувваи бод (шамол) ва биомасса нерӯ истеҳсолкунанда ҳам тараққӣ мекунад. Ҳоло гурӯҳҳои илмӣ ва таҳқиқотии фаъол дар саросари ҷаҳон ба кори баланд бардоштани самаранокӣ ва муаяйн кардани бартариятҳои ин лоиҳаҳо кор карда истодаанд. Барои мисол, арзиши қувваи нерӯгоҳҳои бодӣ ҳам якбора коҳиш ёфт. Сабаб ин буд, ки имконияти рақобат бо нархи энергияи тавлидшуда дар корхонаҳои нави истеҳсолкунандаи нерӯ аз ангишт дар Иёлоти Муттаҳида ба вуҷуд омадааст. Дар пайи чунин пешрафт бешак, энергияи офтобӣ ба як рақиби муносибу сазовор табдил меёбад. Дастовардҳои нав дар технологияҳои гуногун ба ин кор боз боз ҳам суръат мебахшад.

Сарфи назар аз интиқоди бархе аз коршиносон шубҳае нест, ки мо ба самти як даврони таъмин бо энергияи тоза ва қариб номаҳдуди арзон меравем. Дастрасӣ ба чунин шароит оқибату таъсири амиқ дар рӯзгори мардум хоҳад дошт. Он вақт талабот ба тамоми соҳаҳои марбут ба маводи сӯзишворӣ, сар карда аз корхонаҳои коммуналӣ кам мешавад.

Ин корхонаҳо бо вуҷуди поин бурдани нархи маҳсулоти худ муфлис шуда, билохира аз байн мераванд.

Истифода аз нури босахои Офтоб даҳҳо ширкату корхонаҳои истеҳсолиро аз саҳна берун месозад. Дар кишварҳое, монанди Олмон, Чин ва Япония барои истифода аз ин энергияи тоза талошҳои назаррас мешавад. Ҳоло дастгоҳҳо барои гирифтани энергияи офтобиро лозим аст, ки дар вақти набудани офтоб аз манбаъҳои дигар нерӯ (заряд) гиранд. Аммо технологияи захираи қувва дар ду даҳсолаи оянда то ҳадде беҳтар хоҳад шуд, ки одамон дигар ба корхонаҳои коммуналии тавзеъкунандаи барқ зарурат нахоҳанд дошт. Он замон дигар таҳияи чораҳои ҳавасманд намудани истифодаи энергияи тоза мавриди баҳс нахоҳад буд, балки сухан дар бораи субсидия барои хоҷагиҳои коммуналӣ ва шартҳое хоҳад рафт, ки чӣ гуна онҳо метавонанд фаъолияти худро идома диҳанд.

Аз истифодаи васеи энергияи офтобӣ ва қатъи истифодаи канданиҳои фоиданок, бешубҳа муҳити зисти мо ҳам бурд мекунад, барои бахшҳои бисёри иқтисод ҳам заминаи рушди бештар фароҳам мешавад.

Масалан, истифода аз автомобилҳои электрикӣ нисбат ба мошинҳое, ки бо навъҳои дигари сӯзишворӣ кор мекунанд, хеле арзон мешавад. Бо энергияи арзон шароити муносиб барои аз тариқи ҷӯшонидани оби талху шӯри баҳрҳо ҳосил кардани оби ширин фароҳам мегардад.

Имконоти бештаре барои кишоварзон барои бо усули нав парвариш кардани сабзавоту мева ва бонии чорво пайдо мешавад.

Хулоса, дастрасии беҳтар ба энергияи офтоб шароити зиндагии инсонҳоро барои садсолаҳо ба самти хубӣ тағйир медиҳад.

Тоҷикистон ба унвони кишваре, ки рӯзҳои офтобиаш аз рӯзҳои сарду боронӣ бештар аст, дар сурати густариши имкони дастрас кардани таҷҳизоту техникаи табдили нури офтоб ба энергия бурди бештар хоҳад кард.

Тавре дар ин матлаб зикр шуд, ҳамзамон бо рушди технологияи дастрасӣ ба энергияи офтобӣ технологияи тавлиди барқ аз шамол ҳам рушд мекунад. Ба ин тартиб, дар сурати рушди бомарому ҳифзи субот дар кишвар, мо заминаҳои фаровони пешрафтро дар оянда дорем.

**С. ЮСУФ**

**Вобаста ба мавзӯъ**

## НУРИ ОФТОБ КАМ НАМЕШАВАД

***Тибқи яке аз маъмултарин назарияҳо таъсири нури офтоб ба замин дар ҳоли афзоиш аст. Аммо ин вазъият на ба далели ифлос шудани ҳаво ва таъсири ҳар гуна амале аст, ки боиси тағйирёбии иқлим мешаванд, балки ба сабаби баланд гардидани ҳарорати тулӯи офтоб аст. Чунин изҳори назарро донишмандон қисман дуруст меҳисобанд ва мегӯянд: "Афзоиши ҳарорати офтоб вобаста ба он аст, ки мо кадом солро дар тақвим дорем."***

***Олимон аз соли 1843 ба ин сӯ пайваста давраҳои офтобиро ҳуҷҷатгузорӣ мекунанд. Дар муддати ин мушоҳидаҳо, донишмандон фаҳмиданд, ки ҳолати офтобе, ки мо аз нурҳояш баҳравар ҳастем, хеле пешгӯишаванда аст. Дар ин раванд даврае ҳаст, ки ҳарорати офтоб ба таври аҳсан ва ба меъёри муайян боло меравад. Бо ба поён расидани чунин давра фаъолияти офтоб ҳам иваз мешавад ва ҳолати гармӣ поин меояд.***

***Аз нуқтаи назари олимони NASA (Идораи миллии ИМА, ки ба аэронавтика ва омӯзишу таҳқиқи фазои кайҳонӣ машғул аст), як давраи офтобӣ 11 сол давом мекунад ва муҳаққиқон дар муддати 150 соли гузашта ҳар яке аз ин давраи офтобиро таҳти мушоҳида қарор додаанд.***

***Сарфи назар аз он, ки бисёр чизҳои нисбат ба фазою иқлими мо ва муносибати он бо фаъолияти офтобӣ ба сурати муаммое барои олимон боқӣ мемонад, аммо илм акнун бардошти дақиқро дар бораи чӣ вақте гарм шудани ҳаво ва чӣ замоне поин омадани ҳарорати офтоб дар ихтиёр доранд.***

***Давраи гармӣ ва сардшавии офтобро дар илми кайҳоншиносӣ ҳадди аксари офтобӣ ва ҳадди ақали офтобӣ номидаанд. Вақте ки офтоб дар мадор ба ҳадди аксари системаи худ ворид шавад, ҳаво гарми гарм мешавад. Донишмандон мегӯянд, ин як раванд комилан табиӣ буда, ҳар 11 сол як бор ба вуқӯъ меояд.***

*Раёсати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар шаҳри Душанбе ба таваҷҷуҳатон мерасонад, ки бо пешниҳоди роҳбарияти Раёсат мақолаи "Фарҳанги ронандагиро кай меомӯзем?", ки дар шумораи* ***№** 45 (1024)* ***«Минбари халқ» аз** 04. 11. 2015* ***бо имзои Гулҳаёи Мадимар*** *нашр гардидааст, санаи 11.11. 205 дар ҷаласаи васеи кормандони нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе бо иштироки муовини Раиси шаҳри Душанбе, раиси комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе оид ба масъалаҳои нақлиёт, коммуникатсия ва беҳдошти роҳҳо, роҳбарияти МДК "Душанбенақлиётхадамотрасон", намояндаи БДА-и шаҳри Душанбе, инчунин роҳбарони корхонаҳо ва ҷамъиятҳои нақлиётии пойтахт мавриди муҳокимаи ҳамаҷониба қарор гирифт.*

# ЧОРАҲОИ ЗАРУРӢ АНДЕШИДА МЕШАВАНД

***Раёсат самимияти худро ба воситаҳои ахбори оммаи мамлакат ва шахсан ба Шумо эҳтиромона изҳор намуда, қайд менамояд, ки вақтҳои охир дар матбуот як қатор хабару мақолаҳо рӯи нашр омада истодаанд, ки онҳо боиси нигаронии роҳбарияту масъулини соҳа ва инчунин сокинони пойтахти кишварамонро бетараф гузошта наметавонад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин мақолаҳо барои ошкор ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар соҳаи зикргардида, рушду пешравии он ва тинҷию оромии авзои ҷомеаи Тоҷикистон равона шудаанд.***

***Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки Раёсати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар шаҳри Душанбе ҳамарӯза ҳаҷми зиёди корҳоро анҷом дода, ба натиҷаҳои мушаххас ноил гардидааст ва набояд он аз мадди назари воситаҳои ахбори омма ва ҷомеа дур монад. Дар доираи иҷрои талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи нақлиёт, Қарорҳои раиси шаҳри Душанбе баҳри ба низом даровардани фаъолияти нақлиёти мусофирбари пойтахт, аз байн бурдани камбудию норасоиҳо, инчунин чораҷӯӣ намудан дар асоси арзу шикояти шаҳрвандон оиди сифати хизматрасонии нақлиёти мусофирбари шаҳр, гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби кормандони Раёсати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар шаҳри Душанбе, нозирони шуъбаи БДА-и шаҳри Душанбе, кормандони МДК "Душанбенақлиётхадамотрасон" ва кормандони масъули корхонаҳо ва ҷамъиятҳои нақлиётӣ таъсис дода шудааст. Тибқи нақша - чорабиниҳои тасдиқгардидаи якҷоя, гурӯҳҳои корӣ фаъолиятро дар чор ноҳияи пойтахт оғоз намуда, нисбати фаъолияти ғайриқонунии воситаҳои нақлиёти мусофирбар (воситаҳои нақлиёти рақамсафед ва таксиҳои 3-сомона), риоя накардани нақшаи ҳаракат дар хатсайри муқаррааргардида, аз меъёр зиёд гирифтани мусофир, риоя накардани қоидаҳои истгоҳ, барҳам додани тамбашавии воситаҳои нақлиёт, риоя накардани нархнома, одоби муошираату либоспӯшӣ ва дигар қоидавайронкуниҳо, чораҳои зарурӣ андешида истодаанд.***

***Гурӯҳҳои корӣ дар соатҳои шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт, ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти воситаҳои нақлиёти мусофирбари истифодаи умум ва аз байн бурдани тамбашавии воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои кӯчаҳои пойтахт, аз ҷумла, дар назди мағозаи "Олами китоб", маркази савдои "Садбарг", гардиши "Қария Боло", маҳаллаи 46-ум, назди бозорҳои "Саховат", "Султони Кабир", "Корвон", назди РБДА, маҳаллаи "Зарнисор", якҷоя бо нозирони БДА-и шаҳри Душанбе корҳои назоратӣ гузаронида, нисбати қоидавайронкуниҳо чораҳои маъмурӣ андешида истодаанд.***

***Дар доираи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қарорҳои Раиси шаҳри Душанбе, кормандони Раёсат ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ дар давоми 10-моҳи соли ҷорӣ 12480 ҳолати ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ошкор намуданд ва маводҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб доданд, ки аз ин ҳисоб ба маблағи 748000 сомонӣ ҷарима ситонида, ба буҷаи ҷумҳурӣ ворид карда шуд.***

***Дар мақолаи зикргардида асосан қоидавайронкуниҳои ронандаҳо ба монанди дар қатори дуюм ва сеюм савор кардани мусофирон, суръати баланди ҳаракат, риоя накардани талаботи аломатҳои роҳ ва дар болои гузаргоҳ истодани воситаҳои нақлиёт дарҷ гардиданд, ки чораҷӯӣ намудан нисбати онҳо ба ваколати Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.***

***Танзими фаъолияти нақлиёт ва риояи қонунгузорӣ дар навбати худ аз маданияти баланди шаҳрвандӣ вобастагии калон дорад. Истиқоматкунандагон ва меҳмонони пойтахт бояд дар пайвастагӣ бо мақомотҳои назоратӣ доир ба ҳалли масъалаи мазкур саҳмгузор бошанд. Ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки аз тарафи шаҳрвандон қоидаҳои бехатарии роҳ риоя нагардида, дар ҷойҳои номуайян роҳро убур мекунанд ва ҳаёти худро дар хатар мегузоранд.***

***Аризаҳо ва арзу шикоятҳои шаҳрвандон тариқи телефони боварӣ (235 89 75) оиди қоидавайронкуниҳо дар соҳа, ба қайд гирифта шуда, дар муҳлатҳои тибқи қонунгузорӣ муайяншуда ҳаллу фасл мегарданд.***

***Раёсат омода аст, ки баҳри беҳбудӣ бахшидан ба фаъолияти нақлиёти мусофиркашонии пойтахт, баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ дар соҳа бо рӯзноманигорон ва сокинони пойтахт ҳамкорӣ намояд.***

**Бо эҳтиром,**
**сардори Раёсат Ф. КАМОЛОВ**


12
МУШКИЛОТ
ФАРҲАНГИ РОНАНДАГИРО, КАЙ МЕОМӮЗЕМ?

**Аз қаллоб - эҳтиёт!**

# СИЁЧА ФИРЕБ ХӮРД

**Дар аввал ҳар ки ин қиссаро мешунид, гиребон мегирифт ва тавба мекард, ки Худованд ба чунин ҳолате гирифтор ва ноумедаш накунад.**



Сиёча, ки ин саргузашти талхи худро, аввалҳо бо дард ҳикоят мекард, акнун ба сахт фиреб хӯрданаш тан дода, бо алам оҳи сарде мекашад ва мегӯяд: - Хонасӯхта, ҳосили кори чандрӯза, луқмаи даҳони фарзандонамро бурд.

Сиёча номи ҷавонмарде аст, ки солҳои зиёде ба таксиронӣ машғул мебошад.

Дар ҳуҷҷат номи дигар дорад, аммо аз хурдӣ ба сабаби ин ки сабзина буду ҷисми резае дошт, дар хонавода "Сиёҳча"- аш гуфтанду ин истилоҳи навозишӣ бо андаке тағйир ба ӯ барои тамоми умр пайванд шуд.

Ӯ бо ҳамин ҷисми резаи худ вақте калон шуд, ронандагиро интихоб кард ва дар даврони Шӯравӣ ронандаи автобус буд. Солҳои ҷанги дохилӣ чун амволи давлатӣ талаву тороҷ шуду муассисаҳои нақлиётӣ барҳам хӯрданд, ба таксиронӣ гузашт.

Дар тамоми солҳои сахти рӯзгори хонаводааш ҳам ба хориҷ нарафт.

Дар шаҳр таксӣ меронд. Бо он таҷрибае, ки ҳосил кардааст, ҳоло мизоҷони доимии худро ҳам дорад.

Мошинҳояшро, ки бо гузашти ҳар чанд вақт фарсуда мешаванд, иваз кардааст, аммо шуғли ӯ бетағйир монд, ки монд.

Ҳар рӯз, ки дар роҳ аст, саду як ҳодисаро мебинад, бо одамони даҳҳо хислату одат дошта рӯ ба рӯ мешавад. Аз таҷриба медонад, ки забони ширину муносибати гарм бо мизоҷон роҳату барори кор аст. Бо яке «акаю апа», бо дигаре «додару хоҳар» гуфта муроҷиат мекунад.

Шахсоне ҳастанд, ки пас аз чанд сол ба мошинаш савор шуда мегӯянд: - Ҳӯ фалон вақт маро то хонам бурда будӣ, ёд дорӣ? Баъзеҳо ба муносибати хубаш одат кардаанд ва агар дар истгоҳ чанд таксӣ ҳам истода бошад, ба назди мошинаш меоянд ва хоҳиш мекунанд, ки "маро худат то фалон ҷо бубар."

Он рӯз ҳам як рӯзи муқаррарӣ буд ва аз саҳар чанд нафарро инҷою онҷо бурда овард.

Боз холӣ шуда, дар истгоҳи паҳлуи бозори "Шоҳмансур" қарор гирифт. Чанд даме истода буд, ки ҷавоне омад, дар даст як қуттии картонӣ ва пурсид, ки то "Зарафшон" мебарӣ?

Сиёча ҷавоб дод, ки корам бурдану овардан аст, маслиҳатамон пазад, чаро набарам, албатта мебарам.

Баъд ҳаққу арзиши хидматашро баён намуд, ки ҷавон қабул карда гуфт: - Гапаш нест, ака.

Ҷавон бори дасташро ба ҷойи нишасти ақиб монда, худ паҳлӯи ронанда нишаст. Вақте ба роҳ даромаданд, ҷавон шарт гузошт, ки раҳорах аз фурӯшгоҳи марказӣ (ЦУМ) як қуттии дигарро ҳам гирифтан даркор аст.

Сиёча чунин инҷою онҷо даромадану чизе гирифтанро бисёр дидааст, бинобар ин розӣ шуду ба роҳаш идома дод. Бе ин ҳам роҳаш аз хиёбони паҳлӯи фурӯшгоҳи ҷавон мехостагӣ мегузашт.

Раҳорах ҷавон аз ину он суҳбат мекард ва як шахси, гуфти гапҳо, хушчақчақ ба назар метофт.

Ба фурӯшгоҳ, ки наздик шуданд, ҷавон аз мошин берун шуда гуфт, ки интизор бошад, борашро мегираду зуд бармегардад. Ва ба дохили бино рафт.

Чанд дақиқа гузашта буд, ки бо дасти холӣ баргашт ва гуфт: - Сабил, пулам камӣ кард, фурӯшанда бошад мегӯяд, ки якбора ҳамаи пулро тею гирифта рав.

Баъд гӯё чӣ фикре карду ба Сиёча рӯ оварда гуфт: - Ака, агар дошта бошӣ, 400 сомонӣ бидеҳ, ба хона, ки расидем, бо пули таксӣ якҷо бармегардонам.

Бо мақсади рафъи дудилагӣ илова кард: - Дубора саргардон нашавем, мегӯям.

Ронандаи аз макри мусофираш бехабар, ки ин миқдор пулро дар ҷайб дошт, барои дастгирӣ ба ҷавон баровварда дод.

Ҷавон миннатдорӣ карду дубора ба бинои фурӯшгоҳ даромад.

Ҳеҷ нишонае аз оқибати ин амали ноҷавонмардона гувоҳӣ намедод. Сиёча ҳам одат карда буд, ки ба мизоҷонаш бовар кунад.

Аммо чун даҳ дақиқаю ним соат ва дар идома боз як соат интизор шуд, дигар аз он ҷавон дараке нашуд. Ду соат интизор монд ва фақат ин дам эҳсос кард, ки шояд фиреб хӯрдааст, вале боз ҳам умедвор буд, ки ҷавон аз фурӯшгоҳ бо як қуттӣ берун меояд.

Берун, ки наомад, гирди мошин давр задану ба сӯи даре, ки ҷавон ба фурӯшгоҳ даромада буд, нигариста дари нишастгоҳи пуштро кушод. Қуттиро, ки хеле бомаҳорат бо навори часп маҳкам карда буданд, боз карда акнун фаҳмид, ки андак не, сахт фиреб хӯрдааст.

Зеро дар дохили қуттӣ ба ҷуз коғаз чизи дигаре набуд ва он коғазҳои лӯлаву бо ҳам фишурдашуда, ба коре лозим намеомад.

Аз ин воқеа акнун чанд ҳафта мегузарад, баъдтар чанд моҳу сол ҳам сипарӣ мешавад. Аммо дар дили Сиёча доғе гузошту гузашт. Ин амал барои ҳар нафаре, ки онро мешунавад, чун сабақи талхе хоҳад буд.

Маълум аст, ки чунин афрод як не, даҳҳо нафарро аз роҳи қаллобӣ ба ин шакл фиреб дода, онҳо хуни ҷигар кардаанд. Хонаводаҳоеро аз луқмаи ҳалолашон маҳрум намуда, худ аз ин ҳисоб зиндагиашонро гӯё мечархонанд.

Вале то кай, касе намедонад. Мутмаин бошед, ки даврону аъмоли қаллобиашон , хеле зуд ба поён мерасад...

**Солеҳ ЮСУФОВ**

Зан ва ҷомеа

# САҲМИ ЗАНОНИ СОҲИБКОР ДАР РУШДИ КИШВАР

**20 ноябри соли равон дар маркази фарҳангии Исмоилияи пойтахт бо ибтикори Кумитаи оид ба корҳои занон ва оилаи назди ҳукумати кишвар, сафорати ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва дигар ташкилот Форуми занҳои соҳибкор ва намоишгоҳи маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ доир гардид.**



**БО** суханони ифтитоҳӣ дар кори Форум Нигина Анварӣ, ҷонишини раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Марҳабо Латифзода, муовини аввали Раиси Кумита оид ба корҳои занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хонум Лесли Хейден, ваколатдори муваққатии сафорати ИМА дар Тоҷикистон баромад намуданд. Ҳамчунин, дар ҳошияи ин чорабинӣ баромади асосии хонум Кэрин Шипман, президент ва директори генералии ширкати "EGI Development" дар мавзӯи "Масоили иштироки занон дар соҳибкорӣ: муваффақият ва сабақҳо барои оянда" доир шуда, як зумра занҳои муваффақи кишвар, аз ҷумла Гулбаҳор Маҳкамова - директори генералии Ассотсиятсияи "Занҳои соҳибкори Тоҷикистон", ҳамзамон муовини директори генералии ташкилоти қарзии "Имон Интернешнл", Матлуба Улҷабоева - сардори раёсати Ассотсиатсияи миллии бизнеси хурд ва миёнаи Тоҷикистон, Манижа Ҳаитова - директори генералии Ассотсиатсияи соҳибкории инноватсионӣ ва технологии Тоҷикистон, Замира Самадова, директори ширкати "Имкон Консалтинг" ва Сурайё Уроқова, директори генералии ширкати сохтмонии "Риэл-Д" иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зикр шуд, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкорӣ миёни занон корҳои мушаххас анҷом дода мешавад. Аз ҷумла, дар 5 соли ахир барои рушди соҳибкорӣ аз ҷониби ташкилоти молиявию қарздиҳии ҷумҳурӣ барои занон зиёда аз 2,5 миллиард сомонӣ қарз дода шуда, дар назди Ҳукумати кишвар "Фонди рушди соҳибкорӣ" амал мекунад, ки аз 170 миллион сомонӣ захираи он 5 лоиҳа айни замон ба занони соҳибкор рост меояд. Дар солҳои 2013-14 барои занони соҳибкор 29 лоиҳа бо маблағи 47 миллион доллари ИМА роҳандозӣ карда шуд, ки ин бозгӯ аз таваҷҷуҳи махсуси давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди соҳа мебошад. Агар дар давраи аввали истиқлолият шумораи занҳои соҳибкор 64 нафар буд, имрӯз ин рақам ба 2220 нафар расида ва он пайваста рӯ ба афзоиш аст. Вазъи имрӯзаи иқтисодиву иҷтимоӣ имконияти занонро васеъ намуда, ҳоло занон дар пешбурди тамоми соҳоти кишвар саҳми назаррас доранд. Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокиву касбомӯзӣ, фаро гирифтани занони хонашин ба истеҳсолот, ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, ривоҷ додани ҳунарҳои мардумӣ ва амсоли ин иқдомот имкон хоҳанд дод, ки занон дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дошта бошанд, ки ин ба манфиати миллату давлат хоҳад буд. Чуноне ки зикр гардид, "дар замони мураккаби буҳрони молиявию иқтисодӣ ба соҳибкорӣ даст задани занон шоёни таҳсин буда, ниёз ба дастгирӣ дорад". Имрӯз занони кишвар худ ҷойҳои кории нав меофаранд ва дар рушди кишвар саҳми назарраси худро мегузоранд.

Дар хотимаи чорабинӣ барои занони соҳибкор машғулияти омӯзишӣ-касбӣ гузаронида шуда, намоиши мӯд дар мавзӯи "Минтақаҳои Тоҷикистон" баргузор гардид. Чорабиниро баромади ҳунармандони ансамбли миллии асбобии "Карнай", гурӯҳи рақсии "Падида" ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ ҳусни анҷом бахшиданд.

**Азамат ДӮСТОВ**

Номаи бетахрир

# Қонун зӯр аст ё раис?

**МАН аз соли 1977 ба Хоҷагии ҷангали "Боғи Ғалаба" ба кор омадам. Аввал коргари оддӣ будам, баъдан ба ҳайси ҷангалбон кор кардам. Техникуми хоҷагии ҷангалро хатм намудам. Баъдан муовини директор (сарҷангалпарвар) шудаму то соли 2008, то замони маъюби гурӯҳи 2-юм шуданам, дар ин ҷо фаъолият кардам. Баъди ба нафақа баромадан, то соли 2012 тариқи шартнома ҳамчун агроном дар он ҷо корро идома додам. Ҳамин тавр, 40 сол дар ин ҷо кор кардам.**

**Аз соли 1988 хоҷагии ҷангал бо қарори Шӯрои вазирон ба ҳисоби ҳукумати шаҳр гузаронида шуд. Соли 1991 ман бо иҷозат ва қарори раиси ноҳияи собиқ Октябр (ҳоло н. Исмоили Сомонӣ) дар як гӯшаи "Боғи Ғалаба" ошхона ва нуқтаи фурӯши оби газноку яхмос кушодам. Ҳамчун соҳибкор то соли 1993 дар ин ошхона ва нуқтаи фурӯш кор кардам. Баъдан бо сабабҳои маълум дари ин ошхона баста шуд. Пас аз муътадил шудани вазъи сиёсии кишвар боз барои кушодани ошхона ва нуқтаи фурӯши "Боғи Ғалаба" ба раиси ноҳия муроҷиат кардам ва қарор баромад.**

**Соли 2009 барои хусусӣ кардани ошхонаву нуқтаи фурӯш ҳама ҳуҷҷатҳои лозимаро ба комиссияи дахлдор пешниҳод кардам. Ҳамин тавр шаҳодатномаи хусусӣ гардондани молу мулкро ба ман доданд. Аз соли 2005 ин ҷониб ҳама пайваста андоз месупорам.**

**Ҳамчунин бояд гуфт, ки бо заҳматҳои ман "Боғи Ғалаба" сарсабзу хуррам гардид. Ниҳолу дарахтҳои зиёдеро сарсабз кардам ва боғро ба макони зебову тамошобоб табдил додам.**

**Ҳоло роҳбари хоҷагии ҷангал нав шудааст. Ӯ бо ҳар баҳона маро ба танг меорад ва мехоҳад ошхонаву нуқтаи фурӯшро гирад. Суди ноҳияи Исмоили Сомонӣ даъвои ӯро рад кард. Вале бо вуҷуди ин ӯ маро ба танг меорад ва мехоҳад ошхонаву фурӯшгоҳро аз ман бигирад.**

**Тавре ки гуфтам, ҳамаи ҳуҷҷатҳои ошхонаву фурӯшгоҳ ба номи ман қонунӣ карда шудаанд. Дар ин ҷо ҳеҷ кори пинҳонию ҳуҷҷати қалбакӣ нест. Аммо роҳбари нави хоҷагии ҷангали мазкур пофишорӣ дорад, ки ин ҳуҷҷатҳо қалбакиянд. Ман танҳо ба қонун ва ҳақиқат такя мекунам, дигар такягоҳ надорам. Умедворам, ки масъулони ҳуқуқ маро ҳимоя мекунанд.**

**Маҳкам ҶӮРАЕВ, нафақахӯр, собиқ корманди "Боғи ғалаба"-и пойтахт**

Футбол

## ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОИ 147-УМ

**БА** иттилои торнамои Football-rankings.info, дар раддабандии навбатии ФИФА, ки 3-юми декабр интишор хоҳад шуд, Тоҷикистон 13 зина боло баромада, ҷои 147-умро ишғол мекунад. Барои ғалаба бар мунтахаби Бангладеш (5:0) дар доираи бозиҳои даври ҳафтуми мирҳилаи интихобии ҶҶ-2018 ба мунтахаби миллии мо 37 имтиёзӣ иловагӣ дода мешавад. Акнун шумораи имтиёзҳои дастаи Мубин Эргашев ба 196 адад мерасад. Рақибони мунтахаби миллии Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии ҶҶ-2018 дар гурӯҳи "В" дар раддабандии нави ФИФА ба ин тартиб хоҳад шуд: Австралия - ҷои 57 (+3), Урдун - ҷои 87 (-5), Қирғизистон - ҷои 106 (+18) ва Бангладеш - 192 (-2).

## БОЗИИ НАВБАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АДЕЛАИДА МЕГУЗАРАД

**МУНТАХАБИ** миллии Австралия тими миллии Тоҷикистонро дар доираи бозиҳои даври пеш аз охирини марҳилаи инти хобии Ҷоми ҷаҳон-2018 дар гурӯҳи "В", дар шаҳри Аделаида қабул мекунад. Бозӣ 24-уми марти соли оянда баргузор хоҳад шуд. Ба иттилои расонаҳои хабарии Австралия бозӣ миёни мунтахабҳои миллии Австралияву Тоҷикистон дар варзишгоҳи "Аделаида-Овал", ки 53 ҳазор ҷои нишаст дорад, доир хоҳад шуд.

Тавре хабар додем, баъд аз ҳашт даври ин мусобиқа дар гурӯҳи "В" мунтахаби Австралия бо 15 имтиёз дар садри ҷадвали гурӯҳ қарор дорад. Мунтахаби Урдун бо 13 имтиёз зинаи дуюм ва Қирғизистон бо 11 имтиёз мақоми сеюмро ишғол мекунанд. Тоҷикистон, ки 5 имтиёз дорад, дар ҷои чорум ва Бангладеш ҳамагӣ бо 1 имтиёз дар зинаи охирини гурӯҳ ҷойгир шудаанд.



## МЕДАЛҲОИ БИРИНҶИИ "РАВШАН"

**ЧЕМПИОНИ** дукаратаи мамлакат дастаи "Равшан"-и Кӯлоб дар даври ҷамъбастии чемпионати имсола дар майдони худ бар "Регар-ТадАЗ"-и Турсунзода бо ҳисоби 2 бар 1 ғолиб омада, медалҳои биринҷии мусобиқаро соҳиб шуд. Голҳои "Равшан"-ро дар ин бозӣ легионерҳои даста- ниммуҳофиз Акуффо Гершон аз Гана ва ҳамлагар Ҳусейни Сӯҳробӣ аз Эрон ба самар расонданд.

Баъди ин ғалаба "Равшан" бо 34 имтиёз дар ҷадвали чемпионат зинаи сеюмро ишғол кард. "Регар-ТадАз" бошад, бо 30 имтиёз дар байни чор дастаи беҳтарини чемпионати имсолаи кишвар ҷойгир шуд.

"Истиқлол"-и Душанбе, ки пешакӣ унвони чемпиони Тоҷикистонро бори чорум соҳиб шуд, дар доираи даври ҷамъбастии бозиҳои чемпионати имсола, дар варзишгоҳи "20- солагии Истиқлолияти Тоҷикистон"-и Хуҷанд бо соҳибони майдон рӯбарӯ гашт. Бозӣ бо бартарии пурраи футболбозони "Истиқлол" сурат гирифта, бо ҳисоби калони 7 бар 1 ба фоидаи онҳо анҷом ёфт. Се голи "Истиқлол"-ро Манучеҳр Ҷалилов, ду голро Бледа Родригес ва як голиро Дилшод Восиев ва Фатҳулло Фатҳуллоев заданд. Қобили қайд аст, ки легионери испаниягии "Истиқлол" Бледа Родригес голи 500-уми "Истиқлол"-ро ба ҳадаф расонд. Инро ҳам бояд гуфт, ки дар ин бозӣ дастаи соҳили Сирдарё тақрибан бо ҳайати дуюми худ вориди рақобат шуд. Бо сабаби пардохт нашудани моҳонаашон бозигарони ҳайати асосии "Хуҷанд" дар бозӣ муқобили "Истиқлол" ба майдон набаромаданд.

КМВА "Помир"-и Душанбе ҳам чемпионати имсолаи кишварро бо ғалаба анҷом дод. Дар қисми аввали вохӯрӣ онҳо бо ҳисоби 1 бар 0 мағлуб шуда, дар қисми дуюм шогирдони Раҳматулло Фузайлов маҳорати хуб нишон дода, , ба дарвозаи "Хайр" се тӯб ворид карданд. Ду голи мудофиачиёнро легионерии ганагии даста Айдох Наполеон ва як голро ҳамлагар Давронҷон Тухтасунов заданд.

"Барқи тоҷик"-и Душанбе низ дар даври ҷамъбастӣ ғолиб шуд. Барқчиён дар майдони эҳтиётии Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ бар "Далерон-Ӯротеппа" бо ҳисоби 3 бар 1 дастболо шуданд.

"Парвоз"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар даври охирини чемпионат ғалабаи аввалин ва ягонаи худро соҳиб шуд. "Парвоз" дар майдони худ "Вахш"-и Қӯрғонтеппаро бо ҳисоби 2 бар 1 мағлуб карда, ғалабаи деринтизори худро ба даст даровард. Аммо ин ғалаба ҳам онҳоро наҷот дода натавонист. "Парвоз" мавсими имсолаи футболро дар зинаи охирони ҷадвали чемпионати Тоҷикистон ҷамъбаст кард.

Дар миёни нишонзанҳо Манучеҳр Ҷалилов ("Истиқлол") бо 22 гол дар сафи пешсаф қарор гирифт. Ҳусейни Сӯҳробӣ ("Равшан") 18 гол, Фатҳулло Фатҳуллоев ("Истиқлол"), Комил Саидов ("Регар-ТадАЗ") 9 голӣ, Давронҷон Тухтасунов (КМВА "Помир") 8 гол ва Комрон Турсунов ("Регар-ТадАЗ") 7 гол задаанд.

**Алиҷон ҶӮРАЕВ**

# УСУЛИ ОДДИИ ПАСТ КАРДАНИ ФИШОР

**Фишорбаландӣ яке аз бемориҳои маъмулии замони муосир маҳсуб мегардад. Асоси мубтало шудан ба ин бемориро табибон аз меҳнати тӯлонии фикриву ҷисмонӣ, ҳаяҷону лаҳзаҳои равонӣ ва истеъмоли нодуррусти ғизо маънидод мекунанд.**



**МУШОҲИДАҲО** собит менамоянд, ки аксари одамон ба ин намуди беморӣ аҳамияти зарурӣ намедиҳанду фишори баланди хун онҳоро мубталои васеъ шудани клапанҳои дилу рагҳо, инсулту инфаркти миокард ва бемориҳои дигар гардонад. Беҳуда нест, ки фишорбаландиро "қотили хуфта" мегӯянд. Мутахассисон ҳушдор медиҳанд, ки нишонаҳои нахустини фишорбаландӣ барои аксарият ноаён мемонад. Гирифторони фишорбаландӣ пас аз меҳнати тӯлонӣ, дарди сару мондашавӣ, чарх задани сар ва хотирфаромӯширо натиҷаи меҳнати аз меъёр зиёд пиндошта , баъди фароғату хобидан аз нест шудани ин аломатҳо хотирҷамъ мешаванд. Вале ин амали саҳеҳ нест. Зеро дар сурати саривақт пешгирӣ накардани фишори баланди худ ҳар яки шумо пас аз гузашти муддати муайян аломатҳои рӯшантари ин навъи беморӣ - субҳгоҳон обрав шудани чашмону зери чашмонатон пайдо шудани халтача, ғуввоси гӯшҳову сурх шудани рӯйро пайхас хоҳед кард.

Бо дарназардошти пешгирӣ кардани оқибатҳои ҳузновар ҳар кадоми моро зарур меояд, ки дар сурати пайдо шудани нишонаҳои аввалини он ба табибон муроҷиат намуда, мувофиқи маслиҳати онҳо паи табобат бошем. Дар радифи нишондоди мутахассисон истифодаи маслиҳатҳои судманди корафтодаҳо- нафароне, ки дар шароити хона сиҳатии худро барқарор менамоянд, аз фоида холӣ нест. Дар зер чанд намуди паст кардани фишори хунро пешниҳод менамоем.

**ФАРОҒАТ КУНЕДУ ОСУДА БОШЕД**

Яке аз василаҳои муҳиму афзалиятноки рафъи беморӣ фароҳам овардани фароғат аст, зеро як хабари нохуш, ҳаяҷон, сухани ноҷои касе, заҳмати аз меъёр фузуни фикриву ҷисмонӣ сабабҳои барангезандагии болоравии фишори ҳар кадоми мост.

Тавсия мешавад, ки дар чунин ҳолатҳо худро ба даст гирифта, оромона ҳаракат кунед ё бароҳат нишинеду чуқур нафас кашида, ҳаворо 7-8 сония дар шуш нигоҳ доред. Ин амал аз 3 дақиқа зиёд набошад. Аминем, ки бо ин роҳ фишори хунатон андаке паст мефарорад. Агар инро санҷида бинед, ба суханони мо бовар хоҳед кард.

**ВАННАИ ОБӢ - ДАВОИ СУДМАНДИ ПАСТ КАРДАНИ ФИШОР**

Ҳар бегоҳ, ки аз кор хаставу лаккот баргаштед, кӯшиш намоед, дар хона вақтатон хуш бошад. Баробари шунидани мусиқии дӯстдоштаатон ба оби гарми тағора 200 грамм намак, 50 грамм маҳлули сода, 7 қатра йодро андохта, пас аз якҷоя кардани он пойро гузошта, муддати 15-20 дақиқа оромона роҳат кунед. Баъди пойро бо сачоқи нарм хушк кардан аз нӯги ангуштон то зону бо равғани растанӣ дар муддати 3- 5 дақиқа пойҳоятонро маҳс намоед. Аминем, ки таъбатон хуш ва рӯҳияатон бардамтар мешавад. Тавсия мешавад, ки ин намуди табобатро ду ҳафта давом дода, пасон даҳ рӯз фориғи ин амал бошед. Баъди гузашти ин муҳлат боз ин усули фароғатро идома додан лозим мешавад.

**М. МАҲМУДОВ**

---

Пешравӣ, тараққиёт (лот.)

Гороскоп (тоҷ.)

Вафот

## ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | О | | | И | | | К | | И | | О | | | Х |
| | | | | | | С | И | Ё | С | А | Т | М | А | Д | О | Р | | | И |
| | | | | | | Т | | | Ф | | А | | Л | | | О | Д | А | М |
| | | | | | | И | К | Р | А | | Ш | А | Л | Ғ | А | М | | | Ч |
| Х | А | Ш | М | Г | И | Н | | | Ҳ | У | Р | | А | | З | | У | Х | А |
| | | О | | | Ш | | | | О | | И | | | И | М | О | | О | |
| | | Р | А | Ш | К | | Т | А | Н | А | Ф | Ф | У | С | | Р | | Ҷ | |
| М | | Е | | | А | К | А | | | Ш | | О | | Т | А | Д | Б | И | Р |
| О | Н | Ҳ | О | | М | | Б | Е | Ш | Т | А | Р | | И | | | | | И |
| С | | | Р | | Б | | | | | | | Т | А | Р | | | | | Ё |
| Ф | А | Р | О | С | А | Т | | | | | | О | | О | | | | | З |
| И | | Е | | У | | А | | | | | | Ч | О | Ҳ | | | | | И |
| Л | | Ш | | Д | | Н | | | | | | К | | А | | | | | Ё |
| М | У | А | Й | Я | Н | К | У | Н | А | Н | Д | А | | Т | У | Ҳ | М | А | Т |

Номи Ибн Сино

Ҷоизаи Алфред ...

Реша, бунёд

Шарт, паймон

Андозаи мили яроқ

Пойтахти Гурҷистон

Ду голи футболбоз дар як бозӣ

Шакли пурраи номи Шурик

Қасри амири Бухоро

Пойтахташ Вашингтон (ихтисора)

Боигарии давлатҳои араб

Бахшиш, маъзарат

Моҳи ҳафтуми сол

...бус, нақлиёти шаҳрӣ

Артист ...Петросян (Русия)

Силвестр ..., актёр

Автомобили амрикоӣ

... Уиллис, актёри Голливуд

Бозрасии автомобилӣ

Яке аз динҳои ҷаҳонӣ

Киштии миллионерҳо

... Ротару, сарояндаи украинӣ

Зимистон ё баҳор

Ҷузъи либос

Қисми рӯи парранда

Оғоз

Бузург

Навъи гилем

Дарахти кокос (русӣ)

Навъи ниҳоят сахти санг

Мусиқии Баха-84 ва Тимати

Натиҷаи зарбхӯрӣ

Кӯҳансолӣ

«..., ки хобӣ!» (ифодаи маъмул)

Картошка – килограмм, шир - ...?

Модари Исо

Алоб, гулхан

Кулоҳи тоҷикӣ

Дилбастагии марду зан

Исён, балво

Абуалӣ ...и Сино

Ширинӣ (десерт) таоми чандум аст?

Ноҳия дар Бадахшон

Моеи сурх дар рагҳои ҳайвон

Меваи маъмул

Тамғаи сигор, мотосикл ва ҷазира дар Индонезия

Фанни мактабӣ дар бораи ҳаёт



# ҒАФЛАТУ ГУМРОҲӢ

**Ҳар шахсе, ки аз саодату хушбахтии худ маҳрум монад, бояд сабаби онро дар беамалии хеш ҷустуҷӯ кунад.**

**САБАБИ** амал накардан ва фаъол набудани инсон қабл аз ҳама дар надонистан ва натавонистан аст. Ҳар касе, ки натавонист вай ҳатман асиру ғулом ва пойбанди шаҳват буда, аз бардагии он натавонистааст, ки худро раҳо бахшад. Ва ҳар касе, ки надонист, сабабаш дар коҳиливу танбалӣ, ғофиливу бехабарӣ ва ё гумроҳӣ мебошад. Агар шахс роҳеро интихоб кард, ки бебунёд аст аз пиндори худи вай сар задааст ва он ҳамчун сарчашмаи амали вай нопок будааст.

Тамоми ин дар маҷмӯъ боиси бадбахтии инсон хоҳад шуд ва ӯ оромию саодатро ба тадриҷ аз даст хоҳад дод.



Ҳар касе дар зиндагӣ роҳеро интихоб мекунад, вале он роҳ монеаҳои бисёре дорад ва тай кардани он барои инсони нодон ва гумроҳу бехабар хеле мушкил аст. Ин монеаҳоро ҳар як шахси заиф ва ғофил паси сар карда наметавонад, зеро ба ҷумлаи ин монеаҳо шаҳвати ҷову шаҳвати мол ва шаҳвати зану (марду) шаҳвати шикам шомил ҳастанд, ки аз онҳо дил кандан барои инсон хеле мушкил мебошад. Ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо ин шаҳватҳо агар марди роҳ аз яке онҳо гузашт, андар дуввумаш оҷиз меояд, лекин агар аз дуввумаш низ гузашт ҳатман дар саввумаш оҷиз хоҳад монд. Ба ҳамин тариқ инсоне, ки мехоҳад ба саодати воқеӣ расад бояд аз тамоми монеаҳо гузарад, дар сурати нотавон шудан вай ба мақсади аслии хеш нахоҳад расид.

Бадбахтии инсон, ки сабабаш дар надонистан аст аз се чиз иборат мебошад: ғафлат (бехабарӣ), залолат (гумроҳӣ) ва ғурур.

Маънои ғафлат бехабарӣ ва нодонӣ мебошад. Барои мисол шахси бехабаре ба сари роҳ хоб меравад, агар касе онро бедор накунад, ҳатман ба ҳалокат мерасад.

Маънои залолат бошад - гумроҳӣ аст. Мисоли равшани он шахсе шуда метавонад, ки мақсаду мароми вай самти шимол аст, лекин ӯ рӯй ба ҷониби ҷануб меорад ва ҳарчанд бештар равад ҳамон қадар аз асли мақсади хеш дур хоҳад шуд.

Маънои ғурур фирефтагӣ буда, мисоли он шахсе шуда метавонад, ки ҳангоми сафар ба кишвари дигаре ба вай зари холис лозим мешавад. Барои расидан ба ин мақсад вай ҳар чизе дорад мефурӯшаду ба ивази он тилло (зар) мехарад. Лекин он зареро, ки мехарад намедонад, ки он қалбакӣ аст ва ё асл. Новобаста аз нодонии худ зарро мехарад, вале ҳангоми сафар ҳеҷ касе аз вай он зарро намехарад. Дар он сурат барои вай танҳо ҳасрату пушаймонӣ боқӣ мемонад. Камбудии аслии ин шахс дар он буд, ки вай бояд сараввал аз масъалаҳои саррофӣ огоҳ меёфт ва симро аз зар ва зари холисро аз зари қалбакӣ фарқ мекард. Чун ин корҳоро намедонист, оҷиз омад ва харидаш низ ботил шуд. Вале асли воқеият ин нодонӣ буд. Аз ин рӯ ҳар як инсон аввалан бояд роҳи дурустро шиносад баъд аз он рафтани роҳро ёд гирад. Ба ибораи дигар барои инсон ҳақро чуноне, ки ҳаст шинохтанаш хеле мушкил аст, барои ин қудрату қувват лозим аст, то аз ҳақ пуштибонӣ карда, аз ботил парҳез кунад.

Дар ҷомеаи инсонӣ бештари одамон ба сабаби ғафлату нодонӣ дар ҳолати таҳаҷҷуб қарор доранд.

Асли ин ғафлатзадагии инсонҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо аз хатари корҳои ношоям хабар надоранд. Агар шахсе воқеан дар асоси донишу таҷриба иттило ба даст орад, ҳеҷ вақт гуноҳҳои бузург ва нобахшиданӣ нахоҳад кард, зеро чунин афрод ба хубӣ медонанд, ки хатар дар зиндагӣ боиси ранҷҳои дигаре хоҳад шуд.

Танҳо муаллимони башарият ва донишмандони асил метавонанд инсонҳоро аз хоби ғафлат бедор кунанд ва ба онҳо дониш ато намоянд. Олимони ғофил барои инсоният лозим нестанд, чунки онҳо худ андар хоби ғафлат монда, пойбанду асири шаҳватанд. Агар олиме, ки худ ғофилу хуфта бошад, чи гуна метавонад дигаронро аз ғафлатзадагӣ раҳонад?

Баъзе "олимоне" ҳастанд, ки ҳангоми ба минбар баромадан ва ё аз тариқи васоити ахбор сухан гуфтан ҳамчун "музаккирони беҳосил" ба сафсатаҳои софистӣ ва ё суфастоӣ даст зада, мардумро ба гумроҳӣ мебаранд. Ҳоли чунин "олимон" аз ҳоли ғофилон бадтар буда, онҳо ба мисли шахсе ҳастанд, ки дар сари роҳ хуфта бошад ва касе ӯро бедор карда шароб нӯшонад, то ин, ки вай маст шаваду биафтад. Агар ин шахс қабл аз шароб хӯрдан ба овозе бедор мешуд, ҳоло бошад агар бар сари вай мушт зананд, вай ба ҳеҷ ваҷҳ намефаҳмад, ки чи гап аст.

Ва ё табибе, ки ба бемори ҳарорати баланд дошта ва дар ҳолати ҳалок қарор гирифта, ангубин дода, таъкид кунад, ки ангубин ба вай шифо мебахшад. Лекин ангубин ба касе шифо мебахшад, ки сабаби касалиаш сардӣ бошад. Ин табиб аз зумраи рафиқи Даҷҷол ва Иблис мебошад. Агар дар шифохонае ё шаҳре чунин олим ва табиб бошад, Иблис ба ин шаҳр ҳеҷ гоҳ ворид намешавад.

Аммо боз одамоне зиёде ҳастанд, ки дар сухан як чиз мегӯянд ва дар амал ҳариси молу чиз ва шаҳватҳои дунявӣ буда, корҳои бадро анҷом медиҳанд. Ҳеҷ вақт суханони чунин табаҳкор мардумро аз гумроҳӣ ва ғафлат бедор намесозанд. Ин қабил тоифаҳо ба мисли шахсе мебошанд, ки табақи лавзинаро дар пеши худ гирифта, бо шараҳи тамом онро мехӯрад ва фарёд мекашад, ки эй мардум, зинҳор гирди ин табақ магардед, ки ин лавзина пурзаҳр аст.

Дар сурате, ки пиндору гуфтори олим ба рафтораш мутобиқат кунад, ғофилон ба гуфтаҳои вай аз хоби ғафлат бедор мешаванд ва ӯро қабул мекунанд. Дар ғайри он ҳама пойбанди ғафлатзадагӣ хоҳанд шуд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки қисмати аъзами инсонҳо андар ҳиҷоби ғафлат қарор доранд ва ғафлат бемориe аст, ки илоҷи он ба дасти ғафлатзада нест, зеро ғофил аз ғафлати хеш хабар надорад. Пас илоҷи он ба дасти олимон аст, кӯдакон аз хоби ғафлат бо кӯмаки падару модар ва муаллим бедор мешаванд. Ҳамин аст, ки аз сабаби набудани ҳакимони воқеӣ халқ андар бемории ғафлат ва хурофот мондааст. Ҳар чизе, ки мегӯянд ба сари забон буда, аз асли воқеият ба фарсаххо дур мебошанд. Аз ҳамин сабаб ботини мардум бо хурофот пойбанд шуда, аз дарди ин мусибат ва ҳароси ин хатар бехабар мондааст.

Ба ибораи дигар гумроҳӣ ҳиҷоби одамон шудааст, зеро ҳар касе, ки аз суҳбати пири рӯзгордида ва олими хуб баҳра набурд, вай ҳатман дар бадбахтии хеш асир хоҳад монд.

Гумроҳӣ ва ғафлат инсонҳоро бо ранҷи ҷовид хоҳад бурд, ки бо он бозӣ натвон кард.

**Доир ба олимони ғафлатзада Исо паямбар гуфтааст: *"Чун элаке мебошад, ки орд аз вай фурӯ мешаваду сабӯс дар вай ҳамемонад, шумо низ сухани ҳикмат мегӯед ва он чи бад бувад, дар шумо ҳамемонад".***

**А.АРДАШЕР**

Обуна-2016

**Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
**Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
**Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
**Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
**Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

**ба ҳафтаномаи МИНБАРИ ХАЛҚ обуна шавед!**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

## МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил дода, метавонед онро ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...



**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН: 224-49-29, 224-83-72**

## Ин аҷиб аст

- Коста-Рика ягона кишвари дунёст, ки Сарқонунаш нигаҳ доштани артишро манъ мекунад.
- Дугоникҳо Ҷон ва Артур Мауфорт бо оилаҳои худ 80 мил дуртар аз якдигар зиндагонӣ мекарданд. Бегоҳии рӯзи 22 маи соли 1975 онҳо дар як вақт аз сактаи дил фавтиданд.
- 4 сентябри соли 476 доҳии қабилаҳои олмонӣ Одоакр императори охирини Рим-Ромул Августро маҷбур кард, ки аз тахт даст кашад. Ин рӯзи барҳам хӯрдани Империяи Рими Ғарбӣ, ки 12 қарн "тантана" дошт, маҳсуб мегардад, Он чизе, ки дар таърих то ин сана рух дода буд, дар илми таърихнигорӣ давраи атиқа номида мешавад. Баъди ин сана давраи асримиёнагӣ оғоз шуд, ки он то охири қарни 15 давом кард.
- Пулҳои "коғазин" на аз коғаз, балки аз пахта тайёр карда мешаванд. Дар Австралия асъор пластикист.
- Осори гаронбаҳотарини санъат дар таърих-мусавварaи Пабло Пикассо "зани бараҳна дар пасманзараи нимпайкара ва баргҳои сабз" аст. Ин мусаввара соли 1932 кашида шуда, дар музоядаи Christies бо нархи 106,4 миллион доллар фурӯхта шуд. Мақоми дуввум гаронбаҳотарин осори санъат муҷассамаи ҳайкалтароши маъруфи швейтсарӣ Алберто Ҷакометти "Одами равон" аст, ки соли 2010 бо нархи 104,3 миллион доллар фурӯхта шуд.
- Роҳбарони гурӯҳи нажодпарастии Ку-Клукс-Клани ИМА аввали қарни 20 худро Гоблинҳои Бузург меномиданд.

**Д.АЗАМАТ**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин барои сохтмони дӯкони "Яхмос", ки ба сокини ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Саховат Ғаниев Ҳабибулло дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи силсилаи ИҶ 1346 дар бораи бақайдгирии давлатии Ташкилоти ҷамъиятии варзишии "Федератсияи ҷумҳуриявии бадминтони Тоҷикистон" аз 3 декабри соли 2015 (бланки ВАТҶ №0000009) ва Оинномаи Ташкилоти ҷамъиятии варзишии "Федератсияи ҷумҳуриявии бадминтони Тоҷикистон" аз 2 июли соли 2010 бе эътибор дониста шавад.

**Доир ба масъалаҳои реклама, PR-мақола ва эълон дар ҳафтанома ба рақами 93-505-00-46 занг занед. Масъули бахш Набӣ Юсупов**

**МИНБАРИ ХАЛҚ**
НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 48952 нусха**
**Навбатдор: А.ДӮСТОВ**

